ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф

# ПЕШБУРДИ ИҶТИМОИИ МУАССИСА ВА РУШДИ ШАРИКӢ

## Барои директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ



МОДУЛИ

6

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ**

# МОДУЛИ 6

# ПЕШБУРДИ ИҶТИМОИИ МУАССИСА ВА РУШДИ ШАРИКӢ

**Модули таълимӣ барои директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

**Душанбе 2026**

Бо қарори ҳайати Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз «28» ноябри соли 2025, №11/7-1 тасдиқ карда шудааст.

**Мураттиб:** Ғуломносир Қурбонов

**Муҳаррир:** Сафарбек Собирзода

**Муқарризон:**

| | |
|---|---|
| Б. Муҳиддинзода, | сармутахассиси шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон |
| Т. Турдиев, | мутахассиси пешбари Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |

Модули мазкур дар асосии принсипҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф аз ҷумла, ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф, шаффофият дар фаъолияти он, мустақилият ва худидоракунии муассисаи таълимӣ таҳия шуда, ташкили ҳамкории муассиса ва ҷомеа, системаи ҳамкориҳо бо падару модарон, ташкил ва фаъолияти Ассосиатсияи волидону омӯзгорон (АВО), саҳми он дар идора ва рушди муассиса ба воситаи ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ, мониторинги фаъолияти АВО –ро дар бар мегирад.

Модули таълимӣ барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, раисони кумитаҳои падару модарон ва раисони АВО бо мақсади ташаккули дониш, маҳорат ва салоҳиятҳои онҳо дар ташкили ҳамкориҳо бо ҷомеа, падару модарон ва рушди муассиса таҳия шудааст.

Омӯзиши маводи таълимӣ тавассути машғулиятҳои аудиторӣ бо усули интерактивӣ ва фосилавӣ (ба воситаи хониши мустақилона, интернет, иҷрои супоришҳои амалӣ ва ғайра) ҷараён мегирад.

**Мундарича**

Пешгуфтор ……………………………............................................................................... 4

1. Муассисаи кушода: ҳамкории муассиса бо падару модарон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, иқтисодӣ ва ҷомеа ..……….............................……………………..……..... 5
2. Нақши директор дар мавқеъгирии муассиса дар экосистемаи таълимӣ ……......... 14
3. Ташкил ва рушди ассотсиатсияи волидон ва омӯзгорон (АВО): ҳадаф, вазифа, сохтор....................................................................................................................... 26
4. Банақшагирии фаъолиятҳои АВО, мониторинг ва арзёбии фаъолияти он. Ташвиқот.................................................................................................................... 36

Адабиёт ва сарчашмаҳо........................................................................................ 50

## ПЕШГУФТОР

***«Дар баробари Ҳукумат ва сохторҳои низоми давлатии маориф беҳбудии сифати таълиму тарбияи насли наврас бояд дар маркази диққати ҳар оила ва падару модарон низ қарор дошта бошад. Онҳо бояд дар тарбия ва донишандӯзии фарзандони худ ҳамеша бо муассисаҳои таълимӣ дар тамос шуда, масъулияти ҷиддӣ эҳсос намоянд. Чунки тарбияи насли наврас кори аҳли ҷомеа аст».***

**Эмомалӣ Раҳмон**

***(Дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат, 20 марти соли 2003)***

Дастури мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (с.2013), Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҷрибаи дар ин самт муваффақи дигар кишварҳо ва ниёзи директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳия гардидааст.

Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон «иштироки тамоми институтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеаро дар тарбияи кӯдакон (педагогизатсияи муҳити ҷамиятӣ)» таъкид намуда аст, ба ҳалли мушкилотҳои соҳаи маориф ҷалб намудани тамоми ҷомеа яке аз роҳҳои амалӣ гардонидани Консепсия ба ҳисоб меравад.

Бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои охир ба ин самт бештар ҷалб намудани иштироки падару модарон ва ба ин васила ташкил намудани ҳамкории муассиса ва ҷомеа аз тадбирҳои муҳимми ба ин соҳа беҳбудибахшида мебошад. Ҷалб намудани тамоми аҳли ҷомеа ба шабакаи маориф аз ҷумлаи масоили мубрами муосир аст. Дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ муассисаю омӯзгор ба дастгирии моддию маънавии аҳли ҷомеа сахт муҳтоҷ аст. Агар муассисаю омӯзгор илова ба дастгирии давлат аз тарафи ҷомеа ҳам ҷонибдорӣ ёбад, онҳо вазифаҳояшонро метавонанд беҳтару хубтар анҷом диҳанд.

Ҳадафи асосии ба масъалаҳои ҳалталаби муассиса ҷалб намудани аҳли ҷомеа, ташкили фонди ғайрибуҷавӣ, такмили худидоракунии муассисаи таълимӣ ва ташкилу таҳкими муҳити иҷтимоии муассиса ба шумор меравад.

Дар модул ба васеъ намудани ошкорбаёнӣ бо мақсади таҳкими шарикии устувор бо падару модарон, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, бахши хусусӣ, ҷомеаи маҳаллӣ ва нақши директор дар мавқеъгузории муассиса дар экосистемаи таълимӣ диққати махсус дода шудааст.

Ташкил ва рушди Ассотсиатсияи волидайн ва омӯзгорон (АВО) ҳамчун шакли калидии худташкилдиҳии иштирокчиёни раванди таълим пешниҳод шуда, дар фасли ҷудогона масоили нақшабандии фаъолияти АВО, мониторинг ва арзёбии самаранокии он, инчунин масоили ҳимояи манфиатҳои муассиса ва падару модарон дар назди сохторҳои беруна муҳокима мешаванд.

# МАВЗУИ 1

## Муассисаи кушода: ҳамкории муассиса бо падару модарон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, иқтисодӣ ва ҷомеа

**1. Чиро донистан муҳим аст?**

- **Муассиса ҳамчун системаи кушода,** ҳамкорӣ бо шарикони рушд дар асоси боварӣ, шаффофият ва манфиати мутақобила.
- Имкониятҳои таълимиро васеъ, тарбиявиро афзоиш ва аҳамияти иҷтимоии муассисаро мустаҳкам намудани ҳамкорӣ.
- Танҳо муҳити атроф набудани падару модарон, созмонҳои ҷамъиятии ғайридавлатӣ, сохторҳои тиҷоратии маҳаллӣ ва ҷомеа, балки шарикони эҳтимолӣ будан дар рушди муассиса.
- Ба таври системавӣ, мувофиқшуда ва бо дарназардошти манфиатҳои ҳамаи ҷонибои дахлдор ташкил карда шудани шарикӣ.

**2. Чиро бояд тавонист?**

- Шинохти шарикони эҳтимолии беруна ва муайян кардани манфиатдорӣ ё омодагии онҳо ба ҳамкорӣ.
- Сохтани муколама бо волидон ва ниҳодҳои беруна дар асоси боварӣ, шаффофият ва эҳтироми мутақобила.
- Ташкили шаклҳои ҳамкорӣ: клубҳои волидон, лоиҳаҳои муштарак, ташаббусҳои ихтиёрӣ.
- Таҳия кардани созишномаҳои шарикӣ ва тарҳрезии нақшаҳои амал.
- Ҳавасмандсозии омӯзгорону хонандагон барои ширкат дар ташаббусҳои муштарак.

**3. Саволҳои асосӣ барои баррасӣ**

- Кадом шарикони беруна аллакай дар ҳаёти муассиса фаъоланд? Шакли иштироки онҳо чӣ гуна аст?
- Манфиати муассиса, волидон ва ҷомеа дар рушди ҳамкорӣ чист?
- Кадом қадамҳоро метавонад муассиса барои таҳкими ҳамкорӣ бо тиҷорат ва Созмонҳои ҷамъиятии ғайридавлатӣ анҷом диҳад?
- Монеаҳо ба боз будани муассиса кадомҳоянд ва онҳоро чӣ гуна метавон бартараф кард?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. Аҳамияти ҳамкорӣ миёни муассиса ва волидайн, ташкилотҳои ҷамъиятӣ (ТҶҶ), иқтисодӣ ва ҷомеаро фаҳмед.
2. Шаклҳои мавҷудаи ҳамкорӣ ва муайян кардани имкониятҳоро барои рушди минбаъдаи ҳамкорӣ таҳлил намоед.
3. Лоиҳакашӣ, ташаккули моделҳои устувори ҳамкорӣ ва роҳҳои муоширати муассирро ба роҳ монед.
4. Қадамҳои мушаххас барои таъсис ва таҳкими муносибатҳои беруна, инчунин роҳандозии мониторинг ва гирифтани фикру мулоҳизаҳоро амалӣ намоед.

## Муқаддима

Дар шароити муосири таълим, муассиса тадриҷан аз як низоми пӯшида ба як ниҳоди иҷтимоии кушода табдил меёбад, ки бо ҷомеаи атроф пайванди зич дорад. Мафҳуми кушодагии берунии муассиса дар заминаи талаботи замон аҳамияти махсус пайдо мекунад, аз ҷумла, нақши афзояндаи ҷомеа дар ҳаёти муассиса, зарурати ҳамкории байнисоҳавӣ ва тақсими масъулият барои сифати таҳсил ва некӯаҳволии кӯдакон масъалаест, ки беш аз пеш мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад.

Кушодагии муассиса на танҳо «даъвати меҳмон» аст, балки **стратегияи** шарикӣ мебошад, ки дар он волидайн, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ (ТҒҲ), намояндагони соҳаи тиҷорат ва ҷомеаи маҳаллӣ ба иштирокчиёни комили раванди таълимӣ табдил меёбанд.

Аз дидгоҳи назариявӣ муассисаи таълимии кушода ба андешаҳои идоракунии ҷамъиятӣ-давлатии таълим такя мекунад. Ин маънои фарогирии ҷонибҳои манфиатдорро дар банақшагирӣ, татбиқ ва арзёбии ташаббусҳои таълимӣ дорад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки муассисаҳое, ки сатҳи баланди ҳамкории беруниро нишон медиҳанд, устувории бештар доранд, ба тағйирот хубтар мутобиқ мешаванд ва дар ташаккули масъулияти иҷтимоии хонандагон муваффақтаранд.

Пас, таъсис ва рушди ҳамкорӣ бо волидайн, ТҒҲ, бахши хусусӣ ва ҷомеа ба як ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги идоракунӣ ва педагогии муассисаи муосир табдил меёбад.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Муассисаи дарҳои кушод -** самтгирии муассиса ба ҳамкории фаъол бо муҳити беруна. Ин мафҳум шаффофият, дастрасӣ, ҳамкорӣ ва омодагӣ ба қабул намудани пешниҳодҳо, дархостҳо ва дастгирии берунаро аз ҷониби оилаҳо, ташкилотҳо ва ҷомеа дар бар мегирад.

**Ҳ**амкорӣ **бо падару модар** - ҳамкории устувору баробарҳуқуқ байни муассиса ва оилаҳои хонандагон, ки дар асоси боварии мутақобила, мубодилаи иттилоот, иштироки падару модар дар қабули қарорҳо ва пуштибонии раванди таълим асос меёбад.

Шарикони рушд - сохторҳои мустақил, ки дар соҳаҳои маориф, фарҳанг, ҳуқуқи кӯдак ва ғайра фаъолият мекунанд ва метавонанд барои рушди муассиса лоиҳаҳо, дастгирии коршиносӣ ва манобеъ пешниҳодҳо намоянд.

Ҳамкорӣ **бо бахши хусусӣ фаъолияти иқтисодӣ (бизнес) -** ҳамкорӣ бо соҳаи соҳибкорӣ дар шакли сарпарастӣ, роҳнамоӣ, лоиҳаҳои касбмуайянкунӣ ё дастгирии моддиву фаннии муассиса, ки ҳамкорӣ дар асоси ахлоқ ва манфиатҳои хонандагон сурат мегирад.

Ҳамкорӣ **бо ҷомеа** -муносибат бо сокинони маҳаллӣ, ташкилотҳо, муассисаҳои фарҳангиву варзишӣ, ҳокимияти маҳаллӣ ва дигар сохторҳо бо мақсади ҳаллу фасли муштараки масъалаҳои рушди муассиса ва таҳкими муҳити иҷтимоӣ.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Фаҳмидани кушодагии берунии муассиса ҳамчун шарикии стратегии ба неру ва боварии тарафҳо асосёфта.
2. Бодарназардошти захира ва монеаҳо барои ташкили ҳамкории устувор анҷом дода тавонистани таҳлил ва тарҳрезии шаклҳои ҳамкорӣ
3. Тавоноии амалӣ намудани қадамҳои мушаххас барои рушди шарикӣ ва арзёбии самаранокии он дар мувофиқат ба ҳадафҳои муассиса.



### АЗ МИСОЛҲОИ ОДӢ ОҒОЗ МЕКУНЕМ
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**Муҳиммияти дониш: супоришҳои сода барои оғози дарс**

**1.** Шумо аллакай чиро медонед? Кадом шаклҳои ҳамкории муассиса бо волидон, шарикони рушд, **фаъолияти иқтисодӣ** ва ҷомеа ба шумо маълуманд? Аз таҷрибаи худ мисолҳо биоред.

**2. Дуруст/Нодуруст**

- Муассиса бояд танҳо бо волидон ҳамкорӣ намояд.
- Шарикӣ бо **фаъолияти иқтисодӣ** ба беҳтар гардидани муҳити таълимӣ мусоидат мекунад.
- **ТҒҲ** метавонанд шарикони фаъол дар лоиҳаҳои таълим бошанд.

**3. Мувофиқ созед:** Нақши иштирокчиёнро бо саҳми онҳо дар рушди муассиса мутобиқ намоед:

| Иштирокчӣ | Саҳм |
|---|---|
| **Падару модар** | Гузаронидани тренингҳо, дастгирии лоиҳаҳо |
| **Шарикони рушд** | Ташкил намудани чорабиниҳо, фикру мулоҳиза |
| **фаъолияти иқтисодӣ** | Кумаки молиявӣ, таҷҳизот |
| **Ҷомеа** | Маъруфияти ташаббусҳои муассиса |

**4. Саволҳо барои фаъолсозии таҷрибаи директорон:**

1. Кадом ҳамкорӣ бо волидон шарикони рушд ё **фаъолияти иқтисодӣ** дар таҷрибаи шумо муваффақ ҳисоб мешавад? Чаро?
2. Дар ташкили шарикони рушд бо кадом мушкилиҳо рӯ ба рӯ шуда будед? Чӣ гуна онҳоро паси сар кардед?
3. Чӣ тавр муассиса метавонад захираҳои ҷомеаро барои расидан ба ҳадафҳои таълимӣ самаранoктар истифода барад?



**ЧИРО БОЯД ДОНЕД?**

**Варақаи иттилоотии 6.1-ро бо диққат хонда, сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи санҷишии 6.1. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 6.1**

*«Маориф — ин танҳо масъулияти муассиса нест, балки масъулияти тамоми ҷомеа мебошад. Танҳо якҷоя мо метавонем шароите фароҳам орем, ки дар он ҳар як кӯдак тавонад омӯзад, рушд кунад ва худро дар амният эҳсос намояд.»* — ЮНИСЕФ

## *1. ҲАМКОРӢ ҲАМЧУН МУҲАРРИКИ ТАҒЙИРОТ ДАР МУҲИТИ ТАЪЛИМ*

**Хондан ва мубоҳисаи умумӣ аз рӯйи матн ва таҷрибаҳои амалӣ**

«Ҳамкорӣ **бо волидон, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ (ТҒҲ), фаъолияти иқтисодӣ ва ҷомеа»** на танҳо воситаи беҳтар намудани муҳити таълим, балки роҳи васеъ намудани уфуқҳои дониш, малака ва таҷрибаи тамоми иштирокчиён мебошад. Ҳангоми ба маркази ҳамкорӣ ва мубодилаи афкор табдил ёфтан муассиса ба муҳаррики тағйирот мубаддал мегардад, ки қодир аст хонандагон, омӯзгорон ва шариконро барои расидан ба ҳадафҳои умумӣ илҳом бахшад. Чунин ҳамкорӣ ҳисси тааллуқ доштан ба кори умумиро қавитар карда, ба ҳар як иштирокчӣ имконият медиҳад, ки қобилиятҳои худро рӯшан намояд. Нақши шумо ҳамчун раҳбари равандҳои таълимӣ дар ташкили ин кушодагии муассир калидӣ мебошад**.**

**«Муносибат бо ҷомеа** (англисӣ: *public relations, PR*)**»** — ин соҳаи нисбатан нави фаъолияти соҳибкорӣ ва аз вазифаҳои муҳимми идоракунӣ мебошад, ки дар охири садаи XX пайдо шудааст. Он ба ташкил ва нигоҳ доштани робитаҳои мутақобилан судманд миёни созмон ва ҷомеа равона шудааст — робитаҳое, ки аз онҳо муваффақият ё нокомии созмон вобаста аст».

Ҳамкории **иҷтимоӣ** — шакли махсуси ҳамкорӣ ва муносибат байни одамон ва ташкилотҳо мебошад. Дар ин замина, анъанаҳои роҳбарӣ ва кумакҳои ройгони муассисаҳо дар давраи Шӯравӣ арзиши омӯзишро доранд. Вале, имрӯз муҳим аст, ки ин таҷриба тавассути модели шарикӣ иҷтимоӣ бо саҳми фаъолонаи худи муассиса татбиқ гардад.

**Мавқегирӣ дар ҳолати интизорӣ** қарор доштани баъзе муассисаҳо, ки аз ҷомеа кумакро бе иштироки худ мехоҳанд, бо мафҳуми «шарики иҷтимоӣ» мувофиқат намекунад. Хайрия, агар пешниҳод гардад, бешубҳа арзишманд аст, аммо он баробар ба шарикии иҷтимоӣ нест.

Яке аз шартҳои ҳамкорӣ ин мавҷудияти ниёзҳо ва талаботе мебошад, ки ҷонибҳо наметавонанд мустақилона комилан бароварда созанд, яъне зарурияти мавҷудияти захираҳо ва иродаи хуби шарикони эҳтимолӣ барои дастгирӣ.

Эътимод дар чунин ҳамкорӣ талаб мекунад, ки сатҳи баланди масъулияти иҷтимоии муасссиса, шаффофияти иттилоотӣ, ҳисоботдиҳӣ ва боз будани амал, пешгӯишавандагии рафтор ва тасмимҳо таъмин карда шавад.

## 2. *ГУРӮҲҲОИ МАҚСАДНОКИ ҲАМКОРИИ МУАССИСА БО ҶОМЕА, СТРАТЕГИЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ҲАМКОРӢ*

| Гурӯҳи мақсаднок | Стратегияи ҳамкорӣ | Намудҳои ҳамкорӣ |
|---|---|---|
| **1. ВАО (СМИ)** | Барқарор ва нигоҳ доштани иртиботи доимӣ ва самаранок бо муҳаррирон ва рӯзноманигорони калидии ВАО. Ташкили доираи «рӯзноманигорони худӣ». | Даъвати намояндагони ВАО ба конференсияҳо, семинарҳо, форумҳо; барқарорсозии робитаҳо бо муаллифони маҳаллӣ **(мустақилона давом диҳед)** |
| **2. Мақомоти давлатӣ (ҳокимият)** | Ҷалби таваҷҷуҳи намояндагони мақомоти маҳаллӣ ва вилоятӣ ба ташаббусҳо, лоиҳаҳо ва натиҷаҳои муассисаи таълимӣ. | |
| **3. Соҳибкорӣ** | Ҷалби таваҷҷуҳи намояндагони бахши хусусӣ ба лоиҳаҳои муассисаи таълимӣ. Шарҳи имкониятҳо ва рушди ҳамкории дуҷониба. | |
| **4. Институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ** | Таъмини шаффофият дар қабули қарорҳо. Фароҳамсозии имкониятҳо барои коршиносии ҷамъиятӣ ва муколама. | |
| **5.1. Ҷомеа — Волидон** | Огоҳсозии ҷомеа оид ба вазифа, ташаббусҳо ва арзишҳои муассиса. Ташкили тасвири мусбат дар чашми ҷомеа. | |
| **5.2. Ҷомеа — Наврасон ва ҷавонон** | Шарҳи имкониятҳои таҳсилоти муосир. Кумак дар интихоби самт ва касб. Ҷалб ба фаъолияти ҷамъиятӣ. | |

**Кори мустақилона ва дунафарӣ**

**Намунаи ҳамкориҳо**

| № | Гурӯҳи шарикон | Навъи ҳамкорӣ | Шарҳ |
|---|---|---|---|
| 1 | **Фаъолияти иқтисодӣ, ТТҲ** | Дастгирии молиявӣ | Грантҳо, сарпарастии чорабиниҳо, маблағ барои инфрасохтор |
| 2 | **Ҷомеа** | Кумаки моддӣ | Таъмин бо маводи таълимӣ, таҷҳизот ва хизматрасониҳо |
| 3 | **Ҳамаи гурӯҳҳо** | Лоиҳаҳои муштарак | Аксияҳои экологӣ, курсҳои касбӣ, рушди малакаҳои калидӣ |
| 4 | **Падару модарон, намояндагони ҷомеа** | Иштироки ихтиёриён | Ширкат ҳамчун роҳнамо, мураббӣ ё мушовир |
| 5 | **Оила, ҷомеа, ТТҲ, фаъолияти иқтисодӣ** | Беҳтар намудани сифати таҳсилот | Иштироки фаъол барои беҳтарсозии муҳити таълим ва дастгирии омӯзиш |

**Мушкилотҳои ҳамкорӣ**

| № | Мушкилот | Шарҳ |
|---|---|---|
| 1 | **Мушкилоти ҳамоҳангсозӣ** | Зарурати вақт ва талош барои мувофиқаи тарафайн |
| 2 | **Хатари манфиатҳои зиддиятнок** | Баъзе тарафҳо метавонанд ҳадафҳои шахсии худро дар ҷойи аввал гузоранд |
| 3 | **Камбуди захираҳо** | Маблағ ва шариконі кофӣ ҳамеша дастрас нестанд |
| 4 | **Камбуди таҷриба** | Маъмурият ва омӯзгорон шояд малакаи муомила бо шариконро надошта бошанд |

**Чораҳо барои кам кардани хатарҳо ва ташкил кардани ҳамкорӣ**

| № | Чораҳо барои кам кардани хатарҳо | Чораҳо барои ташкил кардани ҳамкорӣ |
|---|---|---|
| **1** | Нақшаи дақиқи ҳамкорӣ | Муайян кардани ҳадафҳои аниқ |
| **2** | Муоширати мунтазам бо шарикон | Банақшагирии раванд бо вазифа ва мӯҳлатҳо |
| **3** | Ҷалби ихтиёриён ва грантҳо | Шаффофият дар муошират |
| **4** | Омӯзиши кормандон дар самти идоракунӣ | Ангезаи шарикон: намоиши манфиатҳои тарафайн |

**Ҷадвали шаклҳои кори гурӯҳӣ ва дунафарӣ**

| № | Шакли кор | Тавсифи фаъолият | Ҳадаф | Унсурҳои иловагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | **Коргоҳи Шарикӣ** | Гурӯҳҳо нақши шариконро мебозанд (волидон, шарикони рушд, фаъолияти иқтисодӣ, ҷомеа) | Таҳияи лоиҳаи муштарак бо вазифа, нақшҳо ва нақшаи амал | - Гузариши ғайричашмдошт (буҷа маҳдуд, афзалиятҳо иваз мешаванд)<br>- Андешаронӣ: шарҳи мушкилот ва дарсҳои омӯхташуда |
| 2 | **Музокирот бо шарикон** | Нақшофарии вохӯрии директор бо намояндаи соҳа шарикони рушд | Ба даст овар-дани созиши муфид барои ҳарду ҷониб | - Ёрии методӣ: мисолҳои воқеии лоиҳаҳои муваффақ |

**Ҷадвали муқоисавӣ: Афзалиятҳо ва салоҳиятҳои калидӣ**

| Афзалияти мавзуъ | Малакаҳои салоҳиятҳои калидӣ, ки инкишоф меёбанд |
|---|---|
| Мустаҳкамсозии робита бо шарикон | Муошират: малакаҳои ҳамкорӣ ва гуфтугӯ |
| Баланд бардоштани сифати муҳити таълимӣ | Тафаккури интиқодӣ: таҳлили вазъият ва қарорҳо |
| Тавассути лоиҳаҳо имкониятҳоро васеъ мекунад | Ҳамкорӣ: кори дастаҷамъӣ, тақсимоти масъулиятҳо |
| Ҷалби падару модарон ва ҷомеа ба ҳаёти муассиса | Эҷодкорӣ: таҳияи идеяҳои нав ва роҳҳои эҷодӣ |
| Дастрасӣ ба захираҳо ва дастгирӣ | Роҳбарӣ: банақшагирии стратегӣ ва идоракунии лоиҳа |

**Ҷадвали ҳолатҳо ва машқҳо барои кори гурӯҳӣ ва дунафарӣ**

| № | Навъи фаъолият | Мазмун ва вазифа | Шакли кор | Салоҳиятҳои марбут |
|---|---|---|---|---|
| 1 | **Ҳолати 1: Ҷалби падару модарон** | Таҳияи стратегияи ҷалби волидон ба лоиҳаи ободонии муассиса | Гурӯҳӣ | Ташкили стратегӣ, муошират, эҷодкорӣ |
| 2 | **Ҳолати 2: Ҳамкорӣ бо** шарикони рушд | Бунёди модели ҳамкорӣ барои омӯзиши таълимӣ | Гурӯҳӣ | Музокирот, банақшагирӣ, арзёбӣ |
| 3 | **Машқ 1: Кор бо матн** | Таҳлили матн дар бораи ҳамкории муассиса ва фаъолияти иқтисодӣ | Дунафарӣ | Тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ |
| 4 | **Машқ 2: Таҳлили изҳорот** | Арзёбии изҳороти шарикӣ ва овардани мисол | Дунафарӣ | Тафаккури интиқодӣ, муошират |
| 5 | **Машқ 3: Ҳолати мушкил** | Сабабҳои иштироки паст дар фестивал ва таҳияи стратегияи ҷалб | Гурӯҳӣ | Тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, ҳамкорӣ |
| 6 | **Баррасии саволҳо** | Баррасии саволҳо дар бораи аҳамияти ҳамкорӣ ва роҳҳои беҳтарсозии он | Гурӯҳӣ/ Дунафарӣ | Муошират, таҳлил, ҳамфикрӣ |
| 7 | **Намуна ва маслиҳатҳо** | Омӯхтани таҷрибаи муваффақ ва пешниҳод барои муассисаи худ | Гурӯҳӣ | Таҳлил, мутобиқсозӣ, муошират |

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. Ҳамкорӣ бо падару модарон, **шарикони рушд**, фаъолияти иқтисодӣ ва ҷомеа калиди муҳити таълимии устувор аст. **Чунин шарикӣ ба муассиса дастрасӣ ба захираҳо, кумак ва донишҳои навро фароҳам меорад, ки сифати таълиму тарбияро беҳтар месозад.**
2. Лоиҳаҳои муштарак бо шарикон ба хонандагон кумак мекунанд, ки ин малакаҳои муҳимро барои муваффақият дар ҷаҳони муосир рушд диҳанд.
3. **Ҳамкорӣ бо сохторҳои гуногун эътимод ва ҳамгироии ҷомеаро афзоиш медиҳад.** Муассиса ба маркази фаъолияти иҷтимоӣ табдил ёфта, талошҳои волидон, ташкилотҳо ва фаъолияти иқтисодии маҳаллиро барои ҳадафҳои умумӣ муттаҳид мекунад.
4. **Барпо кардани шарикӣ ниёз ба муносибати стратегӣ ва муоширати шаффоф дорад.** Муваффақият дар ҳамкорӣ аз муайянсозии дақиқи ҳадафҳо, мувофиқ кардани интизориҳо ва тақсимоти равшани нақшҳо вобаста аст.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**I. Дарку фаҳми идеяҳои асосӣ**

1. Кадом равиш ё идеяҳои нав аз мавзуи ҳамкорӣ бо шарикон барои шумо фоиданоктар буданд?
2. Кадом чиз шуморо дар муҳокимаи ҳамкории муассиса боп адару модарон, фаъолияти иқтисодӣ ва ҷомеа бештар ҳайратангез ё шавқовар кард?
3. Кадом усул ё стратегияи мушаххасро, ки имрӯз баррасӣ шуд, шумо метавонед аллакай пагоҳ дар амал татбиқ намоед?
4. Шумо дар таҷрибаатон ҳангоми ташкили ҳамкорӣ бо кадом душвориҳо рӯ ба рӯ шуда будед ва чӣ тавр мехоҳед онҳоро паси сар кунед?
5. Барои мустаҳкам намудани ҳамкории муассиса бо сохторҳои беруна кадом идеяҳои нав дар зеҳни шумо пайдо шуданд?

**II. Худбаҳодиҳии таҷрибаи шахсӣ**

- Дар муассисаи шумо аллакай кадом намудҳои ҳамкорӣ бо волидон, шарикони рушд, фаъолияти иқтисодӣ ё ҷомеа амалӣ мешаванд?
- Қувваи асосии ин ҳамкориҳо дар чист? Кадом унсурҳо устуворона кор мекунанд?
- Шумо кадом маҳдудият ё мушкилотро мушоҳида мекунед? Чӣ ба густариши шарикӣ монеъ мешавад?
- Шумо то чӣ андоза пайдарпай шарикони берунаро ба банақшагирӣ, татбиқ ва арзёбии ташаббусҳои муассиса ҷалб мекунед?

👉 ***Шакли фаъолият:*** *қайдҳои шахсӣ + мубодилаи таҷриба дар дунафариҳо. Баъди фикрронӣ ба таври инфиродӣ мубодила дар гурӯҳҳои 2–3-нафара: чӣ умумият ва тафовут дар таҷрибаҳои шумо вуҷуд дорад.*

**III. Гузариш ба амал**

- 1–2 ҳадафи афзалиятнокро барои рушди «кушодагии беруна»-и муассиса дар 3–6 моҳи наздик муайян намоед
- Шарикони эҳтимолии ҷалбшавандаро муайян кунед (волидон, шарикони рушд, фаъолияти иқтисодӣ ва ғ.)
- Қадамҳои мушаххасро барои оғоз/тақвияти шарикӣ фикр кунед: кадом шаклҳоро истифода бурдан лозим аст, кӣ масъул хоҳад буд ва кадом захираҳо заруранд
- Меъёрҳоеро муайян кунед, ки бо ёрии онҳо самаранокии ҳамкориро арзёбӣ мекунед

👉 *Шакли фаъолият: кор дар гурӯҳҳои хурд ва фардӣ*

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳии 6.1**

**Супоришҳои тестӣ:**

1. **Ҳамкории муассиса бо сохторҳои беруна чист?**
   a) Кори муштараки муассиса ва ташкилотҳои беруна барои расидан ба ҳадафҳои умумӣ.
   b) Дастгирии молиявии муассиса аз ҷониби падару модарон.
   c) Ташкили чорабиниҳои муассисавӣ бе иштироки шарикони беруна.
   d) Танҳо кумаки моддӣ аз ҷониби соҳибкорон ва шахсони хайрихоҳ.

2. **Хатогиро пайдо кунед: Кадоме аз амалҳои зерин ба ҳамкории муваффақи муассиса бо шарикон мусоидат намекунад**?
   a) Муайян кардани ҳадафҳои кумакҳои ҳамкорӣ.
   b) Набудани муошírати мунтазам байни иштирокчиён.
   c) Шаффофият ва боварӣ дар муносибатҳо.
   d) Тақсими нақшҳо ва вазифаҳо байни иштирокчиён.

3. **Таърифро пурра кунед: Ҳамкории муваффақи муассиса бо волидон ва ҷомеа дар асоси**__________________________________________________________
   a) боварии мутақобил, ҳадафҳои равшан ва муошírати шаффоф.
   b) танҳо дастгирии молиявӣ аз ҷониби волидон.
   c) қабули якҷонибаи қарорҳо аз ҷониби муассиса.
   d) набудани иштироки волидон дар лоиҳаҳои муассисавӣ таъмин карда мешавад.

4. **Асоси ҳамкории муваффақи муассиса бо падару модарон ва ҷомеа чист?**
   a) Қабули якҷонибаи қарорҳо аз ҷониби муассиса.
   b) Дастгирии молиявӣ аз ҷониби волидон.
   c) Боварии мутақобил, ҳадафҳои равшан ва муошírати шаффоф.
   d) Набудани иштироки падару модарон дар лоиҳаҳои муассисавӣ.

5. **Кадоме аз амалҳои зерин ба мустаҳкам намудани ҳамкории муассиса бо шарикон мусоидат мекунад?**
   a) Набудани муошírати мунтазам.
   b) Шаффофият ва боварӣ дар муносибатҳо.
   c) Нодида гирифтани фикри волидон.
   d) Тақсими якҷонибаи нақшҳо аз ҷониби муассиса.

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Таҳияи харитаи ҳамкорӣ бо шарикони рушд, соҳибкорон, ҷомеа.
2. Таҳияи нақшаи чорабинӣ дар шакли кушод бо шарикон.
3. Таҳияи нақшаи чорабиниҳои гуногун оид ба ҳамкорӣ бо ҷомеа ва ғ.



## МАШҒУЛИЯТИ АМАЛӢ: АЗ МУШОҲИДА БА АМАЛ

### Машғулияти амалии 1

**Харитаи ҳамкорӣ «Киҳо дар паҳлӯи мо ҳастанд?»**
**Шакли** кори гурӯҳӣ дар флипчарт ё тахтаи электронии интерактивӣ
**Вазифа:**

- Муассисаро дар маркази варақ тасвир кунед.
- Шарикони берунаро (падару модарон, ТТҲ-и маҳаллӣ, намояндагони фаъолияти иқтисодӣ, ташаббусҳои ҷамъиятӣ ва ғ.) дар атроф ҷойгир намоед.
- Бо рақам ишора кунед, ки бо киҳо аллакай ҳамкорӣ доред, бо киҳо ҳоло надоред ва киҳо имкони шарикӣ доранд.
- Баррасӣ кунед, ки қадами аввал (ё навбатӣ) дар кадом самт мумкин аст?

### Машғулияти амалии 2

Чорабинии муассисавӣ ҳамчун воситаи кушодагии муассиса

Кор дар гурӯҳҳои хурд
**Вазифа:**

- Чорабинии хурди муассисавиро тарҳрезӣ кунед (масалан: «Рӯзи дарҳои кушод», маҳорати волидон, аксия бо маҳзаи маҳаллӣ).
- Ҳадаф, шакл, даъватшавандагон, усули ҷалб ва натиҷаи дилхоҳро нишон диҳед.
- Андешаи худро дар шакли «1 идея — 3 дақиқа» ба дигарон пешниҳод кунед.

### Машғулияти амалии 3

**Номаи мурочиат ба ҳамкор**
**Шакл:** инфиродӣ
**Вазифа:**

- Номаи кӯтоҳ (то 1 саҳифа) аз номи муассиса ба як шарики эҳтимолӣ нависонидан (волидон, шарикони рушд, соҳибкор):
- Бо кадом ташаббус мурочиат мекунед?
- Барои чӣ ин муҳим аст?
- Чӣ гуна метавон иштирок кард ва ин барои ҳарду ҷониб чӣ манфиат хоҳад овард?

# МАВЗУИ 2

## Нақши директор дар мавқеъгирии муассиса дар экосистемаи таълимӣ

**I. Чиро донистан муҳим аст?**

- Шахсияти директор муайянкунандаи рисолат, арзишҳо ва самти стратегии муассиса.
- Мавқегирии муассиса, муайянсозии бошуури хусусиятҳо, афзалиятҳо ва нақши он дар низоми таълим ва ҷомеа.
- Тамоми иштирокчиён ва шариконро дар бар гирифтани экосистемаи таълимӣ: хонандагон, омӯзгорон, падару модарон, шарикони рушд, корхонаҳо, сохторҳои давлатӣ ва маҳаллӣ.
- Мавқеи директор дар чӣ гуна қабул шудани муассиса: ҳамчун низоми пӯшида ё чун иштирокчии фаъоли ҷомеа дар ҳаёти иҷтимоӣ.
- Мавқегирии муассир ба баланд гардидани эътимод, ҷалби захираҳо, беҳбудии нуфуз ва афзудани аҳамияти муассиса дар минтақа мусоидат мекунад.

**II. Чиро бояд тавонист?**

- Бинои таълимиро ҳамчун қисми муҳимми муҳити васеи иҷтимоӣ ва фарҳангии таълим дидан.
- Барқарорсозии муносибатҳои шарикӣ ва ҳимояи манфиатҳои муассиса дар муҳити беруна.
- Идоракунии обрӯйи муассиса ва кор бо симои оммавии он.
- Ҳамоҳангсозии иштироки омӯзгорон ва хонандагон дар лоиҳаҳое, ки намоёнӣ ва нуфузи муассисаро боло мебаранд.

**III. Саволҳои асосӣ барои баррасӣ**

- Имрӯз муассисаи шумо чӣ гуна мавқеъ дорад? Кӣ инро муайян мекунад ва бо кадом меъёрҳо?
- Директор дар ташаккули симои нотакрори муасссиса чӣ гуна нақш мебозад?
- Кадом робитаҳои шарикӣ мавҷуданд ва онҳо чӣ гуна стратегияро инъикос мекунанд?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. Мавқегирии муассисаро ҳамчун вазифаи стратегии директор, ки бо рисолат, арзишҳо ва мавқеи муассиса дар экосистемаи таълимӣ вобаста мебошад, фаҳмед.
2. Қобилияти таҳлили захираҳои муассиса, ташаккули дидгоҳ ва барқарорсозии муносибатҳои шарикӣ, ки хусусияти нодири муассисаро инъикос мекунанд, рушд диҳед.
3. Қадамҳоро барои таҳкими симои муассиса, ҳамкории беруна ва арзёбии аҳамияти иҷтимоии он амалӣ намоед.
4. Малакаҳои барои идоракунии бомуваффақонаи муассиса зарурро рушд диҳед.

## Муқаддима

Дар ҷаҳони муосир муассиса дигар танҳо ҳамчун муассисаи таълимдиҳанда қабул намешавад. Он ба як қисми экосистемаи васеи таълимӣ табдил меёбад, ки дар он ташаккули рисолат, арзишҳо, чеҳраи нодир ва самти стратегии рушд аҳамияти махсус пайдо мекунад. Дар ин замина, нақши роҳбар боз ҳам муҳимтар гардида, на танҳо ҳамчун маъмур, балки ҳамчун раҳбари мавқегирест, ки барои дар дохил ва берун чӣ гуна қабул кардани муассиса ҷавобгар аст

Мавқегирии муассиса раванди бошууронаи муайянсозӣ ва муаррифии ҳувияти он буда, аз дигарон бо чӣ фарқ кардан, рисолати он чист ва ба кадом ниёзҳои ҷомеа ҷавобгӯ будан, ҷавоб медиҳад. Ин танҳо симои зоҳирӣ нест, балки дарки амиқи он аст, ки чӣ гуна муасссиса ба низоми шарикӣ, ҷамъиятҳо, лоиҳаҳои шабакавӣ ва ташаббусҳои таълимӣ пайваст шудааст.

Маҳз директор ин равандро раҳнамоӣ мекунад, дидгоҳи стратегӣ месозад, арзишҳоро ифода мекунад, робитаҳои шарикӣ бунёд мекунад ва муҳити таълимии мувофиқро бо мақсадҳо ва самтҳои рушди муассиса эҷод мекунад.

Қобилияти дидани муассиса дар мазмуни васеи иҷтимоӣ, идора кардани он ҳамчун муассисаи кушод ва барқарорсозии муносибатҳои эътимоднок бо иштирокчиёни беруна аз малакаҳои калидии директори замонавист.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

1. **Мавқегирии муассиса.** Муайянсозӣ, дар дохил ва берун аз муҳити худ қабул гардидан ва муаррифии бошууронаи хусусиятҳои нодири муассиса, арзишҳо, рисолат, самти стратегии рушд ва нақши он дар ҷомеа.

2. **Экосистемаи таълимӣ**. Маҷмуи тамоми иштирокчиён, захираҳо, робитаҳо ва равандҳои ба ҷараёни таълим таъсир расонанда (хонандагон, омӯзгорон, волидайн, муассисаҳо, шарикони рушд, ҷомеаи маҳаллӣ, ВАО ва сохторҳои идорӣ).

3. **Дидгоҳи стратегӣ.** Тасаввури дарозмуддати директор дар бораи ояндаи муассиса, чӣ гуна он рушд мекунад ва кадом рисолати иҷтимоиву таълимиро иҷро менамояд.

4. **Имиҷи/симои устувор.** Қабули пайдарпай ва мусбати муассиса аз ҷониби аудиторияҳои мухталиф дар асоси амалҳо, дастовардҳо, фарҳанг ва тарзи муошırати он.

5. **Роҳбари мавқегир.** Нақши директори муассиса ҳамчун роҳбари стратегие, ки ҳувияти муассисаро ташаккул медиҳад, робитаҳои шарикӣ ташкил мекунад ва арзишҳоро тавассути қарорҳои идорӣ ва муошırати беруна ифода мекунад.



## АЗ МИСОЛҲОИ ОДӢ ОҒОЗ МЕКУНЕМ
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

1. Чӣ медонед?

- Кадом унсурҳо ба фикри шумо, ба экосистемаи таълимӣ дохил мешаванд? ______________________________
- Вазифаҳои асосии директори муассиса дар экосистемаи таълимӣ кадомҳоянд?______________________________ ______________________________

**2. Дуруст/Нодуруст**

- Директори муассиса дар ташаккули муносибатҳои шарикӣ дар экосистемаи таълимӣ нақши калидӣ намебозад.
- Таҳлили SWOT барои арзёбии мавқеи муассиса дар экосистемаи таълимӣ мувофиқ аст.

**3. Мафҳумҳоро мувофиқ кунед**

| Мафҳум | Таъриф |
|---|---|
| **Экосистемаи таълимӣ** | Раванди бошууронаи муайян ва муаррифии ҳувияти муассиса, рисолат, арзишҳо, самти рушд ва нақши он дар ҷомеа, ки дар тасвири дохилӣ ва беруна инъикос меёбад. |
| **Мавқегири муассиса** | Воситаи таҳлил барои муайян кардани тарафҳои мусбат, манфӣ, имконият ва хатарҳо ҷиҳати арзёбии вазъи стратегӣ. |
| **Таҳлили SWOT** | Муҳити мутақобилаи тамоми иштирокчиён ва равандҳое, ки ба таълиму тарбия таъсир мерасонанд: хонандагон, омӯзгорон, волидайн, муассисаҳо, ВАО, сохторҳои давлатӣ ва шарикон. |

**Саволҳо барои фаъолсозии таҷрибаи директорон**

1. Кадом мисолҳои шарикӣ бо ҷомеа, волидайн ё тиҷоратро, ки муассиса шумо ба даст овардааст, оварда метавонед?
2. Вақте ки кӯшиш мекунед мавқеи муассисаро дар экосистемаи таълимӣ таҳким бахшед, бо кадом мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешавед?
3. Шумо таъсири стратегияҳои ҳозираи муассисаро ба дидгоҳ ва обрӯйи он дар муҳити таълим чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

**ЧИРО БОЯД ДОНЕД?**

**Варақаи иттилоотии 6.2-ро бо диққат хонда, сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи санҷишии 6.2. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 6.2**

## *1. МАЪНОИ ЭКОСИСТЕМАИ ТАЪЛИМӢ*

«*Вазифаи мо — сохтани пулҳо, на деворҳо*»
***Айзек Нютон***

**Экосистема** низоми мураккаби ҳамкориҳо байни организмҳои зинда (наботот, ҳайвонот, микроорганизмҳо) ва муҳити атрофи онҳо (хок, об, ҳаво) мебошад. Он ҳамаи унсурҳои биотикӣ (зинда) ва абиотикӣ (ғайризинда)-ро дар бар мегирад, ки тавассути мубодилаи моддаҳо ва энергия бо ҳам пайваст шудаанд. Мисоли экосистема метавонад ҷангал бошад, ки дар он дарахтон, ҳайвонот, замбӯруғҳо ва микроорганизмҳо бо ҳамдигар ва бо унсурҳое, ба монанди нури офтоб, об ва хок, ҳамкорӣ мекунанд.

**Экосистемаҳо** метавонанд **табиӣ бошанд** (масалан, укёнусҳо, биёбонҳо) **ё сунъӣ** (масалан, заминҳои кишоварзӣ ё аквариумҳо). Ҳадафи асосии экосистема нигоҳ доштани тавозун ва устуворӣ мебошад, ки тавассути гардиши моддаҳо ва энергия ба даст оварда мешавад. Ин раванд ба ҳамаи унсурҳои он имкон медиҳад, ки дар ҳамоҳангӣ вуҷуд дошта бошанд.

### 1.2. Экосистема дар таълим ва экосистемаи муассисавӣ

**Экосистема дар таълим** низоми унсурҳои ба ҳам пайваст мебошад, ки барои таъмини сифати баланди таълим ҳамкорӣ мекунанд. Ин мафҳуми васеъ одамон, муассисаҳо, технологияҳо, захираҳо ва равандҳои иҷтимоиро дар бар мегирад, ки барои расидан ба ҳадафҳои таълимӣ якҷоя кор мекунанд.

**Экосистемаи таълимӣ маҷмуи ҳамкориҳо байни хонандагон, волидайн, омӯзгорон, ҷомеа, тиҷорат ва сохторҳои давлатӣ мебошад, ки барои таъмини сифати баланди таълим равона шудааст.** Нақши директор дар он аст, ки ин унсурҳоро якҷоя карда, барои рушди ҳамоҳангшуда шароит фароҳам оварад.

**Муассисаи таълимии муосир дар экосистемаи таълимӣ ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунад, ки хонандагон, волидайн, омӯзгорон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва тиҷоратро муттаҳид месозад**. Директор дар идоракунии стратегӣ, ташаккули шарикӣ ва эҷоди симои нодири муассиса, ки таваҷҷуҳ ва эътимоди ҷомеаро ҷалб мекунад, нақши калидӣ мебозад.

Экосистемаи таълимӣ шабакаи мураккаби ҳамкориҳо байни субъектҳои гуногунро дар бар мегирад: **хонандагон, волидайн, омӯзгорон, сохторҳои давлатӣ, тиҷорат ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ.** Фаъолияти самараноки ин низом аз ҳамкории ҳамаи унсурҳои он вобаста аст ва директори муассиса ҳамчун пайванди стратегии муттаҳидкунанда баромад мекунад.

Директор бояд дарк кунад, ки экосистемаи муваффақи таълимӣ на танҳо ба рушди хонандагон, балки ба тамоми ҷомеаи маҳаллӣ мусоидат мекунад ва сифати зиндагиро дар минтақа беҳтар менамояд.

**1. Унсурҳои дохилии экосистема**

| Унсур | Нақш дар экосистема |
|---|---|
| **Хонандагон** | Унсури марказии экосистема, ки муҳити таълим барои онҳо эҷод карда мешавад. |
| **Омӯзгорон** | Роҳбаладон ва мутахассисон, ки равандҳои таълимиро ташаккул медиҳанд ва рушди хонандагонро дастгирӣ мекунанд. |
| **Маъмурият** | Роҳбарон, ки идоракунии стратегӣ, устуворӣ ва рушди муассисаро таъмин мекунанд. |
| **Раванди таълим** | Усулҳо, барномаҳо ва технологияҳое, ки ба рушди малакаҳо ва донишҳои хонандагон мусоидат мекунанд. |

**2. Унсурҳои берунаи экосистема:**

| Унсур | Нақш дар экосистема |
|---|---|
| **Волидайн** | Шарикон дар тарбия ва раванди таълим, дастгирии рушди маънавӣ ва моддии хонандагон. |
| **Ҷомеа** | Ташкилот ва гурӯҳҳое, ки ташаббусҳои муассисаро дастгирӣ ва дар лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва таълимӣ иштирок менамоянд. |
| **Тиҷорат** | Ширкатҳое, ки захираҳо, маблағгузорӣ ва иштирок дар барномаҳои таълимиро таъмин мекунанд. |
| **ТҒД ва сохторҳои давлатӣ** | Мусоидат ба ҳамгироии муассиса дар муҳити иҷтимоӣ, пешниҳоди дастгирии методӣ ва ташкилӣ. |

***«Роҳбари муваффақ касест, ки метавонад муҳитеро эҷод кунад, ки ҳар нафар омода бошад, як қисми муваффақияти умумӣ гардад»***
***Ҷон Максвелл***

***3. МОҲИЯТИ ЭКОСИСТЕМАИ ТАЪЛИМӢ: УНСУРҲО, ТАВСИФ ВА МИСОЛҲО***

| Моҳияти экосистема | Тавсиф | Мисолҳои амалӣ |
|---|---|---|
| **Пайвастшавӣ ва ҳамкорӣ** | Экосистема шабакаи ҳамкориҳоро байни иштирокчиён эҷод мекунад, ки мубодилаи захираҳо, дониш ва таҷрибаро таъмин намояд. | |
| **Мутобиқшавӣ ва тағйирпазирӣ (чандирӣ)** | Имконияти вокуниш ба тағйирот ва мушкилот, ҷорӣ намудани инноватсияҳо ва мутобиқ кардани стратегия. | |
| **Устуворӣ** | Экосистема ба нигоҳ доштани тавозун байни унсурҳои он барои рушди дарозмуддат ва самаранок кӯшиш мекунад. | |
| **Диди умумӣ ва ҳадафҳо** | Ҳамаи иштирокчиён дар атрофи вазифаи умумӣ — баланд бардоштани сифати таълим муттаҳид мешаванд. | |

**Ҳамгироии салоҳиятҳои асосӣ**

Яке аз вазифаҳои директор ин воридсозии салоҳиятҳои калидӣ (тафаккури интиқодӣ, муошират, эҷодкорӣ ва ҳамкорӣ) ба равандҳои таълимии муассиса мебошад. Ин салоҳиятҳо ба хонандагон ва омӯзгорон кумак мекунанд, ки дар ҷаҳони босуръат тағйирёбанда мутобиқшаванда ва муваффақ бошанд.

**4. Ҷадвали пайванди салоҳиятҳои асосӣ бо салоҳиятҳои роҳбарӣ ва идоракунӣ**

| № | Салоҳияти асосӣ | Пайванд бо роҳбарӣ ва идоракунӣ | Намунаи амалӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | **Тафаккури интиқодӣ** | ▪ Дидгоҳи стратегӣ: таҳлили мушкилот ва таҳияи стратегияҳои дарозмуддат<br>▪ Ташхис ва мониторинг: қабули қарорҳо дар асоси маълумот | |
| 2 | **Муошират** | ▪ Ҳамдардӣ ва ҳамкорӣ: муошırати самаранок бо тамоми иштирокчиён<br>▪ Илҳомбахшии даста: расонидани ҳадафҳо ба даста | |
| 3 | **Эҷодкорӣ** | ▪ Инноватсия: ҷорӣ намудани равишҳои нав дар таълим<br>▪ **Тағйирпазирӣ** (Чандирӣ) ва мутобиқшавӣ: пайдо кардани роҳҳои ғайримаъмул | |
| 4 | **Ҳамкорӣ** | ▪ Идоракунии шарикӣ: ҳамкорӣ бо волидайн, ТТҲ, фаъолияти соҳибкорӣ ва сохторҳои давлатӣ<br>▪ Ҳамоҳангсозии даста: кори муштарак барои ҳадафҳои умумӣ | |

**5. Пайванди ҷанбаҳои роҳбарӣ бо аҳамият ва салоҳиятҳои рушдёбанда дар муҳити таълим**

| Ҷанбаҳо | Аҳамият | Салоҳиятҳои рушдёбанда |
|---|---|---|
| **Фаҳмиши экосистемаи таълимӣ** | Имкон медиҳад, ки раванди таълим ҳамчун қисми ҳамкории ҷомеа дида шавад. | Тафаккури интиқодӣ, дарки системавӣ. |
| **Идоракунии стратегӣ** | Ба қабули қарорҳои асоснок барои рушди муассиса ва баланд бардоштани рақобатпазирии он кумак мекунад. | Малакаҳои банақшагирӣ, таҳлили маълумот (SWOT), идоракунии захираҳо. |
| **Эҷоди шарикӣ** | Ба ҳамкории самаранок бо иштирокчиёни берунӣ (волидон, тиҷорат, ҷомеа) мусоидат мекунад. | Муошират, рушди шабакаи тамосҳо, идоракунии лоиҳаҳои шарикӣ. |
| **Роҳбарӣ ва илҳомбахшӣ** | Қобилияти илҳом бахшидан ба коллектив ва роҳбарӣ ба сӯйи расидан ба ҳадафҳои умумиро беҳтар мекунад. | Сифатҳои роҳбарӣ, ҳамкории байни шахсҳо, зеҳни эҳсосӣ. |
| **Интегратсияи салоҳиятҳои калидӣ** | Равишҳои муосирро ба раванди таълим, ки ба малакаҳои асри XXI равона шудаанд, инкишоф медиҳад. | Эҷодкорӣ, ҳамкорӣ, тафаккури интиқодӣ, ҳамкории самаранок дар гурӯҳ. |

***«Як нафар дар майдон ҷанговар нест, аммо якҷоя мо метавонем ҷаҳонро тағйир диҳем.»***

*Нелсон Мандела*

## 4. НАҚШИ ДИРЕКТОР ҲАМЧУН САРВАР ДАР ЭКОСИСТЕМАИ ДОХИЛИИ МУАССИСА

Директори муассисаи таълимӣ нақши марказиро дар идоракунии экосистемаи дохилӣ мебозад, ки ҳамаи унсурҳои онро муттаҳид намуда, барои расидан ба ҳадафҳои умумӣ равона мекунад. Роҳбарии ӯ дар қобилияти фикррониии стратегӣ, илҳом бахшидан ба даста, ташкил кардани равандҳо ва нигоҳ доштани устувории муҳити таълимӣ зоҳир мешавад.

Ҷадвали 1

| № | Ҷанбаи роҳбарӣ | Нақши директор | Намунаи фаъолият |
|---|---|---|---|
| 1 | Ҳамкорӣ ҳамчун калиди муваффақият | Ташкили ҳамкорӣ бо волидон, ҷомеа, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва тиҷорат; ташаккули муносибатҳои эътимоднок; ҷалби захираҳо ва таҷрибаҳои инноватсионӣ | |
| 2 | Ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ | Ташкили ҳамкории самаранок миёни хонандагон, омӯзгорон ва маъмурият; роҳандозии муоширати мутақобила | |
| 3 | Дастгирии омӯзгорон | Ташкили тренингҳо, семинарҳо ва мубодилаи таҷрибаҳо; ҷалби омӯзгорон ба методикаҳои муосир | |
| 4 | Ташаккули муҳити мусбат | Нигоҳ доштани муҳити ахлоқии мусоид; ҳавасмандгардонии омӯзгорон ва хонандагон; миёнаравӣ дар ҳолатҳои муноқиша | |
| 5 | Роҳбарии раванди таълим | Назорат ва таҳияи нақшаҳои таълимӣ; ҷорӣ намудани технологияҳои нав; мутобиқшавӣ ба тағйирот | |

## 5. НАҚШИ ДИРЕКТОР ҲАМЧУН САРВАР ДАР ЭКОСИСТЕМАИ БЕРУНИИ МУАССИСА

| № | Самт ва тавсифи вазъият | Нақши директор | Натиҷа |
|---|---|---|---|
| **1** | **Ҳамкорӣ бо волидон**<br>Директор силсилаи вохӯриҳоро бо волидон ташкил мекунад, то стратегияи рушди муассисаро баррасӣ намояд. Дар яке аз вохӯриҳо волидон пешниҳод мекунанд, ки клубе барои аксияҳои экологӣ ва мастер-классҳо таъсис дода шавад. | | |
| **2** | Ҳамкорӣ **бо тиҷорат**<br>Ширкати маҳаллӣ ба муассиса ҳамкориро дар доираи лоиҳа оид ба ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ба раванди таълимро пешниҳод мекунад. Директор ин пешниҳодро қабул намуда, семинарҳои муштарак барои омӯзгорон ва хонандагон ташкил мекунад. | | |
| **3** | **Лоиҳаҳои иҷтимоӣ**<br>Директор лоиҳа оид ба ободонии ҳудуди муассисаро оғоз намуда, хонандагон, волидон ва ҷомеаи маҳаллиро ҷалб мекунад. Иштирокчиён якҷоя минтақаҳои сабз эҷод мекунанд ва чорабиниҳо оид ба тарбияи экологӣ мегузаронанд. | | |

## *ХУСУСИЯТҲОИ РОҲБАРӢ ВА ИДОРАКУНӢ ДАР ЭКОСИСТЕМАИ ТАЪЛИМӢ*

Экосистемаи таълимӣ аз роҳбари муассиса на танҳо малакаҳои маъмурӣ, балки хусусиятҳои барҷастаи роҳбариро талаб мекунад, то барои ҳамкории самаранок бо иштирокчиёни система, идоракунии равандҳо ва расидан ба ҳадафҳои стратегӣ мусоидат намояд. Биёед хусусиятҳои асосии роҳбарӣ ва идоракуниро, ки ба директор дар экосистемаи таълимӣ заруранд, баррасӣ намоем:

| *Кори фардӣ ва дунафара* |
|---|

**Сифатҳои роҳбарӣ ва идоракунӣ дар фаъолияти директор мутобиқи унсурҳои роҳбарӣ**

***Сифатҳои сарварӣ***

| № | Сифатҳои саварӣ | Тавсиф |
|---|---|---|
| 1 | **Илҳомбахшӣ ва ҳавасмандкунӣ** | Директор бо рафтор ва суханони худ дигаронро илҳом мебахшад ва барои расидан ба ҳадафҳо ҳавасманд мекунад. |
| 2 | **Муошират ва ҳамдардӣ** | Қобилияти муошрати самаранок бо тамоми иштирокчиёни экосистема ва фаҳмидани эҳсосоти онҳо. |
| 3 | **Дидгоҳи стратегӣ** | Қобилияти таҳияи нақшаҳои дарозмуддат ва муайян кардани ҳадафҳои стратегӣ барои рушди муассиса. |
| 4 | **Чандирӣ ва мутобиқшавӣ** | Қобилияти мутобиқ шудан ба тағйирот ва ёфтани роҳҳои ҳалли ғайримаъмулӣ дар ҳолатҳои гуногун. |

***Сифатҳои идоракунӣ***

| № | Сифатҳои идоракунӣ | Тавсиф |
|---|---|---|
| 1 | **Ташкил ва банақшагирӣ** | Қобилияти ташкили самараноки равандҳо ва таҳияи нақшаҳои амалӣ. |
| 2 | **Идоракунии ҳамкорӣ** | Қобилияти барқарор ва нигоҳ доштани ҳамкориҳои самаранок бо шарикон. |
| 3 | **Ташхис ва мониторинг** | Қобилияти таҳлили вазъият ва назорати иҷрои нақшаҳо. |
| 4 | **Идоракунии бuҳрон** | Қобилияти идора кардани ҳолатҳои буҳронӣ ва қабули қарорҳои фаврӣ. |

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

**Экосистемаи муассиса ҳамчун муҳити ҳамгирой.** Экосистемаи муассисавӣ унсурҳои дохилӣ (хонандагон, омӯзгорон, маъмурият, раванди таълим) ва берунӣ (волидон, ҷомеа, тиҷорат, шарикони рушд) -ро муттаҳид мекунад. Ҳамкории ҳамоҳанги ин унсурҳо рушди устувори раванди таълимро таъмин менамояд.

**Нақши марказии директор.** Директор шахси калидиест, ки барои идоракунии стратегӣ, ҳавасмандкунии иштирокчиёни экосистема ва нигоҳ доштани устуворӣ он масъул аст. Роҳбарии директор дар ташкили ҳамкорӣ, рушди касбии омӯзгорон ва ҳамоҳангсозии раванди таълим зоҳир мешавад.

**Алоқамандӣ бо салоҳиятҳои калидӣ.** Экосистемаи муассисавӣ ба рушди тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират ва ҳамкорӣ мусоидат мекунад. Ин салоҳиятҳо на танҳо барои хонандагон, балки барои омӯзгорон ва маъмурият низ муҳиманд.

**Аҳамияти** ҳамкорӣ. Ҳамкории самаранок бо иштирокчиёни беруна, ба монанди волидон ва тиҷорат, мавқеи муассисаро дар экосистемаи таълимӣ мустаҳкам намуда, ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва таълимӣ кумак мекунад.

**Тағйирпазирӣ (Чандирӣ) ва инноватсияҳо.** Экосистемаи муассисавӣ бояд ба тағйирот мутобиқ шуда, равишҳои инноватсионӣ, ба монанди рақамисозӣ ва таълими лоиҳавиро ҷорӣ намояд, то ба натиҷаҳои устувор ноил гардад.

**Роҳбарии педагогӣ.** Муваффақияти экосистема асосан аз қобилияти директор дар нигоҳ доштани фазои ахлоқӣ, ҳавасмандкунӣ рушди касбии омӯзгорон ва илҳом бахшидани коллектив вобаста аст.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. Кадом мафҳум ё равишҳои навро, ки ба экосистемаи таълимӣ алоқаманданд, омӯхтед?
2. Дар ҷараёни таҳлил кадом ҷанба барои рушди касбии шумо фоиданоктар буд?
3. Кадом ҷанбаҳои мавзуъ ба шумо таъсири эҳсосӣ расониданд ё шавқу ҳаваси шуморо бедор карданд?
4. Оё чизи ғайричашмдоште вуҷуд дошт, ки назари шуморо нисбат ба нақши директор ё экосистемаи муассиса тағйир дод?
5. Кадом идея, баррасӣ ё супоришҳоро метавонед дар фаъолияти касбии худ татбиқ намоед?
6. Принсипҳои равиши экосистемавиро чӣ гуна дар идоракунии муассиса истифода бурданӣ ҳастед?
7. Оё дар раванди омӯзиш ё таҳлил мушкилот ё андешаҳои нав пайдо шуданд?

👉 ***Шакли кор:*** *ҷавобҳои хаттӣ ё баррасӣ дар гурӯҳҳои хурд*

**II. Худбаҳодиҳӣ**

**1. Таҳлили рефлексивӣ**

- Кадом ҷиҳатҳои қавии амалияи худро мебинед?
- Кадом равишҳоро дар кори худ муваффақтарин мешуморед?
- Амалияи шумо чӣ гуна ба ҳамкории иштирокчиёни экосистемаи дохилӣ ва берунаи муассиса мусоидат мекунад?

**2. Экосистемаи таълимӣ**

- Фаъолияти шумо ба рушди экосистемаи таълимии муассиса чӣ гуна таъсир мерасонад?
- То чӣ андоза ба шумо муяссар мешавад, ки ҳамкории байни омӯзгорон, волидон, хонандагон ва шарикони берунаро ҳамоҳанг созед?

**3. Роҳбарӣ ва идоракунӣ**

- Кадом сифатҳои роҳбарӣ ва идоракуниро дар амалияи худ истифода мебаред?
- Кадом вазифаҳо барои рушди экосистемаи муассиса диққати бештар ё кӯшиши зиёдтарро талаб мекунанд?

**4. Салоҳиятҳои калидӣ**

- То чӣ андоза амалияи шумо ба рушди салоҳиятҳои калидӣ (тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират, маҳорати омӯхтан ва ҳамкорӣ) дар хонандагон ва омӯзгорон мусоидат мекунад?

**5. Минтақаҳои рушд**

- Кадом ҷанбаҳои амалияи худро мехоҳед беҳтар кунед?
- Дар идоракунии экосистемаи муассиса бо кадом душвориҳо рӯ ба рӯ мешавед?

👉 ***Шакли фаъолият:*** *қайдҳои инфиродӣ + мубодила дар дунафариҳо*

**III. Гузариш ба амал**

**1. Муайян кардани афзалият ва гузоштани ҳадафҳо**

- Кадом ҷанбаҳои амалияи шумо ба диққати аввалиндараҷа ниёз доранд?
- Як ё ду вазифаи калидиро интихоб кунед, ки онҳоро дар наздиктарин вақт ҳал кардан мумкин аст (масалан, рушди ҳамкорӣ бо волидон ё ҷорӣ намудани инноватсияҳо дар раванди таълим).

**2. Таҳияи нақшаи амал**

- Қадамҳое, ки барои расидан ба ҳадаф заруранд, тавсиф кунед.
- Захираҳо (одамон, мавод, вақт) ва монеаҳои эҳтимолиро муайян кунед.
- Барои ҳар як марҳила масъулонро таъйин кунед.

**4. Арзёбии натиҷаҳо**

- Таҳлил кунед, ки оё ба ҳадафҳои гузошташуда ноил шудед.

- Кадом тағйирот ё беҳбудиҳоро мушоҳида кардед?
- Барои кори минбаъда кадом хулосаҳоро баровардан мумкин аст?

**5. Такмили доимӣ**

- Дар асоси натиҷаҳои бадастомада амалҳои навро ба нақша гиред.
- Коркардҳоро ба амалияи системавии муассисаи худ ҷорӣ кунед.
- Равишҳои муваффақро бо ҳамкасбон мубодила кунед, то таҷрибаро паҳн намоед.

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳӣ 6.2**

**Саволҳои тестӣ барои худсанҷӣ**

**1. Кадом амал нақши директорро дар мавқеъгирии муассиса дар экосистемаи таълимӣ беҳтар инъикос мекунад?**

a) Ташаббус дар ҳамоҳангсозии ҳамкорӣ бо шарикони дохилӣ ва беруна
b) Нодида гирифтани ниёзҳои ҷомеа
c) Маҳдуд кардани муошират дар дохили муассиса
d) Бастани шартнома бо кормандон

**2. Кадом равиш ба мавқеъгирии муассиса дар экосистемаи таълимӣ мусоидат намекунад?**

a) Рушди шабакаи ҳамкорӣ бо волидон ва ташкилотҳои беруна
b) Набудани стратегияи муайян барои ҳамкорӣ ва рушди муассиса
c) Иштироки фаъол дар лоиҳаҳои ҷомеавӣ
d) Таҳлили ниёзҳои муҳити беруна

**3. Директор чӣ гуна метавонад мавқеи муассисаро дар экосистемаи таълимӣ устувор созад?**

a) Бо ташкили равандҳои шаффоф, муошират самаранок ва ҳамкорӣ бо ҷонибҳои гуногун
b) Танҳо бо назорати дохилии омӯзгорон
c) Бо маҳдуд кардани дастрасии волидон ба равандҳои таълимӣ
d) Бо худсарона қабул кардани қарорҳо

**4. Хатогиро пайдо кунед**
**Кадоме аз изҳоротҳои зерин нодуруст аст**?

a) Экосистемаи муассиса ҳам унсурҳои дохилӣ ва ҳам берунаро муттаҳид мекунад.
b) Маъмурият дар идоракунии стратегӣ нақши калидӣ мебозад.
c) Хонандагон қисми муҳити берунии экосистемаи муассиса мебошанд.
d) Волидон дар ташаббусҳои таълимии муассиса фаъолона иштирок мекунанд.

## МАШҒУЛИЯТИ 2

### НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ

1. Фаҳмидани таҳлили таъсири омилҳои беруна (иҷтимоӣ, технологӣ, сиёсӣ ва ғайра) ба фаъолияти муассисаи таълимӣ.
2. Арзёбии дурнамои рушди берунӣ ва дохилии муассиса бо истифода аз таҳлили SWOT.

### МАШҒУЛИЯТИ АМАЛӢ: АЗ МУШОҲИДА БА АМАЛ

**Машғулияти амалии 1.**
**Ташхисӣ намоёнӣ ва беназири муассиса**

**Ҳадаф:** Арзёбӣ кардани он, ки муассиса дар назари гурӯҳҳои гуногуни мақсаднок чӣ гуна ҷойгир шудааст.

**Шакли фаъолият:** Кор дар шакли инфиродӣ + муҳокима дар гурӯҳ

**Вазифа:** ***Ҷадвалро пур кунед:***

| Гурӯҳи мақсаднок | Онҳо дар бораи муассиса чӣ медонанд? | Онҳо чӣ фикр мекунанд/эҳсос мекунанд? | Кадом хабарро муассиса интиқол медиҳад? |
|---|---|---|---|
| Падару модарон | | | |
| Хонандагон | | | |
| Шарикон рушд | | | |
| Ҳамкасбон аз дигар муассисаҳо | | | |
| Мақомоти идоракунӣ | | | |

**Хулосаҳо бароред:**

– То чӣ андоза муассиса шинохташаванда аст ва бо чӣ фарқ мекунад?
– Дар куҷо симо устувор аст ва дар куҷо ба дақиқсозӣ ё тақвият ниёз дорад?
– Барои тақвияти шинохташавӣ кадом қадамро метавон анҷом дод?

**Машғулияти амалии 2.**
**Вазифаи 2: Ташхиси таъсири экосистемавӣ**

**Ҳадаф:** Дарк кардани неруи ҳамкорӣ дар экосистема.

**Дастур:** Ибораро хонед:

*«Экосистемаи таълимӣ муҳите мебошад, ки дар он муассиса бо ҷомеа, соҳа ва сохторҳои давлатӣ фаъолона ҳамкорӣ мекунад, то натиҷаҳои босифати таълимӣ ба даст орад.»*

**Иҷро кунед:**

1. 3 унсури асосии экосистемаеро, ки барои муассисаи шумо муҳиманд, номбар кунед.
2. Як мисоли мушаххаси ҳамкории муассисаи худро бо яке аз ин унсурҳо биёред.
3. Пешниҳод кунед, ки чӣ гуна ин ҳамкориро метавон тақвият дод.

**Шакли фаъолият:** Қайдҳои инфиродӣ, баррасӣ дар гурӯҳи хурд.

**Салоҳиятҳои ташаккулёбанда:** ______________________________________________
______________________________________________________________________

# МАВЗУИ 3

## Ташкил ва рушди ассотсиатсияи волидон ва омӯзгорон (АВО): ҳадаф, вазифа, сохтор

**Чиро донистан муҳим аст?**

- Қонунгузорӣ дар бораи ташкилотҳои ҷамъиятӣ (ТҶ) дар Тоҷикистон.
- Нақши падару модарон дар таълим ҳамчун ҳамкор, на нозир.
- Асосҳои ҳуҷҷатнигорӣ ва ҳисоботи молиявӣ барои ташкилотҳои ҷамъиятӣ.
- Механизмҳои ташаккули эътимод дар ҷомеа

**Чиро бояд тавонем?**

- Ташкил ва идораи маҷлис, фасилитатсия ва роҳнамоии муколама байни ҷонибҳо.
- Таҳияи нақшаҳои стратегияи рушди АВО (бо истифода аз методҳои SMART, SWOT).
- Омода кардани оиннома ва дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ.
- Барқарор ва нигоҳ доштани ҳамкориҳои беруна.
- Истифодаи воситаҳои рақамӣ (платформаҳои онлайн, шабакаҳои иҷтимоӣ) барои муоширát.

**Саволҳои асосӣ барои баррасӣ**

- Чӣ гуна волидонро самаранок ба раванди таълим ҷалб кардан мумкин аст?
- Кадом механизмҳои ҳавасмандсозӣ ва эътимод метавонанд истифода шаванд?
- Чӣ гуна аз такрори вазифаҳои маъмурияти муассиса пешгирӣ кардан мумкин аст?
- АВО-ро чӣ чиз устувор ва мустақил месозад?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. **Принсипҳои** таъсис ва фаъолияти АВО, аз ҷумла ҳадафҳо, вазифаҳои асосӣ ва сохтори муассисаро а**зхуд кунед**.
2. **Қобилияти таҳияи ҳадафҳо ва вазифаҳои** АВО бо дарназардошти ниёзҳои муассиса ва ҷомеа рушд диҳед.
3. **Малакаҳои омода кардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ** барои бақайдгирии АВО ҳамчун ташкилоти ҷамъиятӣ (масалан, оиннома, протоколҳо, аризаи муассисон) ва бақайдгирии **АВО** ҳамчун ташкилоти ҷамъиятӣ ба даст оред.
4. **Дарки огоҳонаи нақши** худ ҳамчун директори муассиса дар идоракунии АВО.

## Муқаддима

Муассисаи таълимии муосир торафт бештар на ҳамчун сохтори таълимии пӯшида, балки ҳамчун қисми кушода ва динамикии экосистемаи таълимӣ қабул карда мешавад, ки дар он на танҳо омӯзгорон ва хонандагон, балки волидайн низ нақши калидӣ мебозанд.

Дар ин замина, таъсиси Ассотсиатсияи волидайн ва омӯзгорон (АВО) қадами муҳим барои ташаккули ҳамкории устувор байни ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим мегардад.

АВО як механизми самараноки муколама ва ҳамкорӣ мебошад, ки ба таҳкими эътимод, дастгирии ташаббусҳои муассисавӣ ва масъулияти муштарак барои сифати таълим мусоидат мекунад. Чунин сохтор ба волидайн ва омӯзгорон имкон медиҳад, ки на танҳо масъалаҳои мубрамро баррасӣ кунанд, балки стратегияи муштараки рушдро таҳия намоянд, дар қабули қарорҳо иштирок кунанд ва ба муҳити таълим таъсир расонанд.

Ташаккули АВО ҳамчун ташкилоти ҷамъиятӣ имкониятҳои ҳуқуқии фаъолияти онро фароҳам меорад, аз ҷумла иштирок дар грантҳо ва лоиҳаҳо, васеъ кардани доираи шарикон берун аз муассиса. Ин махсусан барои муассисаҳое муҳим аст, ки ба навоварӣ, идоракунии кушода ва ҳамгироӣ бо ҷомеаи маҳаллӣ талош мекунанд.

Ҳамин тариқ, ташаккул ва рушди АВО на танҳо расмият, балки як воситаи стратегии муосирсозии ҳаёти муассисавӣ ва ҷалби ҷонибҳои манфиатдор ба эҷоди муҳити таълимии самаранок, фарогир ва устувор мебошад.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Ассотсиатсияи волидайн ва омӯзгорон (АВО)** — иттиҳоди ихтиёрии волидайн, омӯзгорон ва дигар иштирокчиёни ҷомеаи муассисавӣ мебошад, ки бо мақсади мусоидат ба беҳтар намудани муҳити таълимӣ, дастгирии ташаббусҳои муассиса ва рушди ҳамкорӣ байни оила ва муассиса таъсис дода мешавад.

**Ташкилоти ҷамъиятӣ** — сохтори ғайритиҷоратӣ, ки ба мақомоти давлатӣ алоқаманд набуда, дар асоси қонунгузории муқарраршуда ба қайд гирифта шуда ва ҳуқуқи анҷом додани фаъолияти ҷамъиятӣ, намояндагии манфиатҳои аъзои худ ва татбиқи лоиҳаҳои гуногунро дорад.

**Оинннома** — ҳуҷҷати асосие мебошад, ки фаъолияти АВО-ро танзим мекунад. Дар оиннома ҳадафҳои ташкилот, сохтор, ваколатҳои мақомоти идоракунӣ, тартиби дохилшавию хориҷшавӣ аз ассотсиатсия, инчунин қоидаҳои асосии фаъолияти он муайян карда мешаванд.

**Гурӯҳи ташаббускор** — дастаи волидайн ва/ё омӯзгорон, ки ташаббускори таъсиси АВО мебошад. Маҳз онҳо оинномаро таҳия, маҷлиси муассисонро ташкил ва раванди бақайдгириро оғоз мекунанд.

**Сохтори АВО** — ин системаи мақомоти идоракунӣ мебошад, ки фаъолияти онро таъмин мекунад: маҷлиси умумии аъзоён, шурои иҷроия, раиси ассотсиатсия, гурӯҳҳои корӣ ва комиссияҳо.

**Иштироки ихтиёрӣ** — принсипест, ки мувофиқи он иштирок дар АВО интихоби озоди ҳар шахс мебошад, бе фишор ё ӯҳдадориҳо аз ҷониби муассиса ё дигар иштирокчиён.

**Бақайдгирии** ташкилоти ҷамъиятӣ — раванди расмии таъсиси ташкилоти ҷамъиятӣ мебошад, ки аз пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ, гузаронидани маҷлиси муассисон, тасдиқи оиннома ва бақайдгирӣ дар мақомоти адлия иборат аст.

**Грантҳо ва дастгирии донорӣ** — воситаҳои молиявӣ ва захиравие мебошанд, ки аз ҷониби ташкилотҳои гуногун (давлатӣ, хусусӣ, байналмилалӣ) барои татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва таълимӣ гирифта мешаванд.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

### НАТИҶАИ ТАЪЛИМ:

1. **Фаҳмидани он** ки Ассотсиатсияи волидайн ва омӯзгорон чист, ҳадафҳои он кадоманд ва чӣ нақш дар рушди ҷомеаи муассиса мебозад.
2. Шинос шудан **бо вазифаҳои асосии АВО,** мақомоти идоракунӣ ва принсипҳои ташкили ҳамкории байни оила ва муассиса.
3. **Донистани марҳилаҳои таъсиси АВО,** аз ҷумла, таҳияи оиннома, ташкил кардани маҷлиси муассисон ва тартиби бақайдгирии давлатӣ.



### АЗ МИСОЛҲОИ ОДӢ ОҒОЗ МЕКУНЕМ

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**Вазифаҳо барои санчиши донишҳои ибтидоӣ**

**1.** Чӣ медонед?

- Ҳадаф ва вазифаҳои асосии Ассотсиатсияи волидайн ва омӯзгорон (АВО)-ро номбар кунед.
- Кадом ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии АВО ҳамчун ташкилоти ҷамъиятӣ заруранд?

**2. Дуруст/нодуруст:**

- АВО метавонад бе оиннома ба қайд гирифта шавад. ________________
- Ҳадафи АВО — танҳо ташкил кардани чорабиниҳо барои волидайн. ____________
- Шарикони асосии АВО волидайн, мақомоти маҳаллӣ ва ташкилоти ҷамъиятӣ -ро дар бар мегиранд. ____________

**3. Мутобиқат кунед:**

Марҳилаҳои бақайдгирии АВО-ро бо амалҳои мувофиқ мутобиқ кунед:

| | |
|---|---|
| 1. Ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо | а) Аризаи муассисон |
| 2. Муроҷиат ба мақомоти бақайдгирӣ | б) бурдани ҳисобот |
| 3. Фаъолияти баъд аз бақайдгирӣ | с) Омода кардани оиннома, протоколҳои маҷлис |

**Саволҳо аз таҷрибаи директорон**

1. Кадом шаклҳои ҳамкорӣ бо волидайн аллакай дар муассисаи шумо бомуваффақият истифода мешаванд?
2. Оё кӯшишҳо барои таъсиси ташкилоти монанд (масалан, шурои волидайн) дар таҷрибаи шумо буданд



**ЧИРО БОЯД ДОНЕД?**

**Варақаи иттилоотии 6.3.-ро бо диққат хонда, сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи санҷишии 6.1. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 6.3**

## *1. САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУКИИ ТАШКИЛИ ИТТИҲОДИЯҲО ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ*

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Моддаи 41. Худидоракунии муассисаҳои таълимӣ** «Ба мақомоти худидоракунии муассисаҳои таълимӣ шурои муассисаи таълимӣ, шуроҳои омӯзгорон ва олимон, шуроҳои истеҳсолию педагогӣ, илмию методӣ, шуроҳои ҷамъиятӣ, директорон, ректорон, донишҷӯён, аспирантон, сарпарастон, нозирон, созмонҳои хонандагон, сохторҳои кумитаҳои кор бо ҷавонон ва занон, кумитаҳои падару модарон, ассотсиатсияҳои падару модарон, омӯзгорон ва ғайра дохил мешаванд, ки номгӯй ва вазифаҳои онҳо бо назардошти низомномаҳои дахлдори намунавии муассисаҳои таълимӣ дар оинномаи муассисаи таълимӣ пешбинӣ мегарданд»

**Моддаи 50. Ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ (Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

«Ташкилоти ғайритиҷоратӣ ҳамон шахси ҳуқуқие эътироф карда мешавад, ки мақсади асосии фаъолияташ ба даст овардани фоида нест ва фоидаи бадастомадаро байни иштирокдорон тақсим намекунад».

**Моддаи 28. Кодекси шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон** «Шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шудан доранд. Шаҳрванд ҳақ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла ҳизбҳои характери демократӣ, динӣ ва атеистӣ дошта, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад».

**Таъсиси иттиҳодияҳои тиҷоратию ғайритиҷоратӣ дар шакли ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо ба роҳ монда мешавад.**

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ». Моддаи 7. Шаклҳои ташкилию ҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ**

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар шаклҳои ташкилию ҳуқуқии зерин метавонанд таъсис дода шаванд:

- ташкилоти ҷамъиятӣ;
- ҳаракати ҷамъиятӣ;
- мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ.

**Моддаи 8. Ташкилоти ҷамъиятӣ**

1. **Ташкилоти ҷамъиятӣ** иттиҳодияи ҷамъиятие мебошад, ки чун қоида, дар асоси узвият таъсис ёфта, барои фаъолияти якҷояи шаҳрвандони муттаҳидшуда ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои умумӣ ва ба даст овардани мақсадҳои оинномавӣ таъсис дода шудааст.
2. Мақомоти олии роҳбарикунандаи ташкилоти ҷамъиятӣ анҷуман, конференсия ё маҷлиси умумӣ мебошад. Мақомоти роҳбарикунандаи ташкилоти ҷамъиятӣ мақомоти интихобии дастҷамъӣ мебошад, ки он ба анҷуман, конференсия ё маҷлиси умумӣ ҳисоботдиҳанда аст.

**Моддаи 11. Иттифокҳои (ассосиатсияҳои, шуроҳои) иттиҳодияҳои чаъиятӣ**

Иттиҳодияҳои чаъиятӣ ҳуқуқ доранд иттифокҳои (ассосиатсияҳои, шуроҳои) иттиҳодияҳои чамъиятиро таъсис диҳанд. Ба чунин иттифоқҳо (ассосиатсияҳо, шуроҳо) шаҳрвандон, иттиҳодияҳои чамъиятӣ, шахсони ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ ҳуқуқи шомил шудан доранд.

**Ташкилоти чамъиятӣ ва ё иттиҳодияҳо ҳамчун ташкилоти ғайридавлатӣ** фаъолият намоянд. Барои ин бо Ойинномаи таҳиякардаи худ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё раёсати адлияи Вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон муроҷиат менамоянд. Дар сурати чавобгӯ будани ҳуҷҷатҳо ба талаботи меъёри Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё раёсати вилоятии адлия онҳоро ба қайд мегирад. Пас аз ба қайд гирифтани ассотсиатсия аз тарафи Вазорати адлия онҳо ҳамчун ташкилоти ғайридавлатӣ дар асоси Ойинномаи худ фаъолият менамоянд. Ассотсиатсияҳои ба қайд гирифташуда ҳамчун ташкилоти ғайридавлатӣ ҳуқуқ пайдо мекунанд, ки суратҳисоби худро дар бонк кушода, соҳиби мӯҳр, сиккаву коғазҳои кории худ шаванд ва ҳамаи амалиёти молиявию сарфи маблағҳояшонро тавассути суратҳисоби бонкӣ амалӣ намоянд.

**Хониши мустақилона бо усули ИНСЕРТ**

| «V» медонам | «+» иттилооти нав ва ҷолиб | «-» зид ҳастам, шубҳа дорам | «?» савол дорам |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |

## *2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ АВО*

**Ассотсиатсия асосан бо мақсадҳои зерин таъсис дода мешавад:**

- мусоидат ба таҳкими сохторҳои демократӣ ва иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар ҳалли масъалаҳои ҳалталаби таълиму тарбия;
- беҳтар намудани муҳити таълим барои таълими босифат;
- амалигардонии ҳимояи ҳуқуқӣ, ичтимоӣ ва иқтисодии аъзоёни ассотсиатсия;
- истифодаи усулҳои нави таълим ва идоракунии муассиса;
- фаъолона иштирок намудан дар таъмири муассиса;
- баланд бардоштани савияи дониш ва салоҳиятҳои асосии хонандагон;
- гузаронидани машғулиятҳои маданӣ-равшаннамоӣ, ҷоннок намудани корҳои варзишӣ ва нигоҳ доштани саломатии хонандагон;
- муҳайё намудани шароит ба кори эҷодӣ ва фикрӣ, дар асоси лоиҳа тартиб додани барномаҳои гуногуни таълим ва тарбия;
- якҷоя бо мутахассисони маҳаллӣ, коркунони илмӣ ва бо ёрии созмонҳои чамъиятӣ ёрии амалӣ расондан дар тайёр намудани барномаҳои таълимӣ ва мустаҳкам намудани муҳити физикии муассиса,

**Вазифаҳои асосии Ассотсиатсияи волидону омӯзгорон:**

- бо мақсади барқарор намудани талаботи ягона дар таълиму тарбияи фарзандон дар оила ва муассиса, мустаҳкам намудани алоқа ва ҳамкории оилаю муассиса;
- ба корҳою чорабиниҳои муассиса ва муассисаҳои беруназмактабӣ чалб намудани падару модарон ва аҳли ҷомеа;
- ташкили тарғиби донишҳои педагогӣ дар ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳи маърифати падару модарон;
- чалб намудани волидон, аҳли ҷомеа ба корҳои хоҷагӣ ва ободонии муассисаву маҳалли зист;
- саҳм гузоштан дар дигар намуди фаъолиятҳое, ки бо мақсадҳои оинномавияш

мувофиқ мебошанд ва онҳоро қонунҳо манъ накардаанд;
- дар ҳолати зарурӣ гирифтани иҷозатнома /литсензия барои фаъолияте, ки амал кардан мехоҳад;
- мувофиқа барои таҳияи сметаи даромаду хароҷоти буҷаи муассиса ва назорати истифодаи самараноки маблағҳои он;
- гирифтани грантҳо аз ҳар гуна созмонҳои байналмилалӣ, барои амалигардонии мақсадҳои дар пешгузошташуда;
- таъмин кардани муассиса бо китобҳои бадеии бачагона.

**Сохтор ва мақомоти идоракунӣ**
- Мақомоти олии роҳбарикунандаи Ташкилот - Маҷлиси умумӣ аст.
- Мақоми идоракунии Ташкилот раиси он мебошад.
- Раиси Ташкилот аз байни созмондиҳандагон ва аъзоёни Ташкилот интихоб карда мешавад ва аз номи Ташкилот бе ваколатнома амал мекунад.
- Барои тафтиш кардани фаъолияти молиявии Ташкилот дар маҷлиси умумии аъзоён комиссияи назоратӣ-тафтишӣ интихоб карда мешавад.
- Роҳбарони ташкилот ба ҳайати комиссия интихоб карда намешаванд.
- Муҳлати интихоби ҳайати комиссия ду сол аст.
- Ташкилот барои анҷоми вазифаҳои оинномавӣ метавонад комиссияҳои ташкилотро барпо кунад.

## *3. МАРҲИЛАҲОИ БАҚАЙДГИРИИ АВО (АССОТСИАТСИЯИ ВОЛИДАЙН ВА ОМӮЗГОРОН)*

- ✓ Ҷамъоварии ҳуҷҷатҳои зарурӣ **(Оиннома, аризаи муассисон, протоколи маҷлиси таъсисӣ)**
- ✓ **Муроҷиат ба мақомоти давлатии дахлдор** (пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ба Вазорати адлия ё шуъбаи адлияи минтақавӣ)
- ✓ **Шартҳо ва муҳлати бақайдгирӣ** (санҷиши ҳуҷҷатҳо ва қабули қарор дар муҳлати муқарраргардида)
- ✓ **Бурдани ҳисобот ва нигоҳдории сабтҳо** (рӯйхати аъзои ассотсиатсия, ҳисоботи молиявӣ ва фаъолияти расмӣ)

**Машғулияти амалӣ: (ҳуҷчатҳо замима мегарданд)**
1. **Шиносоӣ бо протоколи маҷлиси муассисон.**
2. **Ариза ба мақомоти адлия барои бақайдгирӣ.**
3. **Рӯйхати муассисон.**
4. **Оинномаи ташкилоти ҷамъиятӣ.**

**Нақши директори муассиса дар фаъолияти АВО:**
- **Идоракунии стратегӣ** – Дар муайянсозии ҳадафҳои АВО ва ҳамоҳангсозии ташаббусҳои таълимии муштарак иштирок намудан.
- **Ҳамкорӣ бо волидайн ва ҷомеа** – Ба таҳкими робитаҳо мусоидат намуда, чорабиниҳо ташкил ва ҷалби фаъолонаи волидонро ба ҳаёти муассиса ташвиқ кардан.
- **Роҳбарии педагогӣ** – Тарафдори паҳнсозии донишҳои омӯзгорӣ миёни падару модар буда, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсиониро дастгирӣ намудан.
- **Назорати молиявӣ ва маъмурӣ** – Дар таҳияи буҷа иштирок ва шаффофияти истифодаи маблағҳоро назорат намудан.
- **Рушди инфрасохтор ва шарикӣ** – Ба беҳтарсозии шароити муассиса ва ҷалби захираҳои беруна мусоидат намудан.
- **Дастгирии барномаҳои рушд** – Лоиҳаҳоеро, ки ба рушди хонандагон ва муҳити таълимӣ равона шудаанд, дастгирӣ намудан.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

**1. Асосҳои ҳуқуқии таъсис ва идоракунии АВО (Ассотсиатсияи волидайн ва омӯзгорон):**
- АВО ихтиёрӣ таъсис дода мешавад ва волидайн, омӯзгорон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва сиёсиро муттаҳид месозад.
- Бақайдгирӣ дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё раёсатҳои вилоятии адлия бо пешниҳоди оинномa ҳатмӣ мебошад.
- АВО ҳуқуқ дорад мустақилияти молиявӣ дошта бошад, аз ҷумла кушодани ҳисоби бонкӣ, доштани муҳр ва гузаронидани амалиётҳои молиявӣ тавассути бонк.

**2. Нақши директори муассиса:**
- Директор ҳамчун роҳбари стратегӣ фаъолиятҳои АВО-ро роҳнамоӣ карда, ҳамкории байни омӯзгорон, волидайн ва ҷомеаро ҳамоҳанг месозад.
- Вазифаи калидии ӯ таъмини шаффофият, масъулияти молиявӣ ва ҷалби фаъолонаи тамоми иштирокчиён ба ҳаёти муассиса мебошад.

**3. Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва молиявӣ:**
- АВО аз як қатор имтиёзҳои андозӣ бархӯрдор мешавад, аз ҷумла озодкунӣ аз андоз аз фоида ва маблағгузории лоиҳаҳои башардӯстона.
- Истифодаи мақсадноки маблағҳои тавассути грантҳо ва хайрияҳо ҷалбшуда таҳти назорат қарор дорад.
- Шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ омили муҳимми нигаҳдории эътимод ва қонуният дар фаъолияти АВО мебошанд.

**4. Ҳамкорӣ ва рушди ҷомеа:**
- АВО ҳамкории байни муассиса, волидайн ва ҷомеаро таҳким мебахшад ва шароитро барои рушди якҷояи муҳити таълимӣ фароҳам меорад.
- Барномаҳои фарҳангӣ, варзишӣ ва таълимӣ, ки ба рушди қобилияту салоҳиятҳои хонандагон нигаронида шудаанд, фаъолона дастгирӣ меёбанд.

**Хулоса:** Ин нуктаҳо аҳамияти АВО-ро ҳамчун ниҳоди муҳимми таҳкими робита байни муассисаю ҷомеа ва зарурати муносибати масъулона ба идоракунии он таъкид мекунанд.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. Дар рафти машғулият чиро омӯхтам? Кадом донишҳо ва ё маҳоратҳо барои ман нав буданд?
2. Махсусан барои ман чӣ муҳим буд ва диққати маро ҷалб кард? Оё лаҳзае маро водор намуд, ки ба вазъият бо нигоҳи нав назар кунам?
3. Кадом ҷузҳои омӯхтаанд дар амалияи худ татбиқ намоям? Чӣ тавр ин ба кор ва ҳамкории ман беҳбудӣ мебахшад?
4. Дар татбиқ ба кадом душвориҳо дучор мешавам? Кадом имкониятҳоро дар бартараф намудани онҳо бояд ба инобат гирам?

👉 ***Шакли фаъолият:** қайдҳои инфиродӣ + мубодила дар ҷуфтҳо*

**II. Худбаҳодиҳии амалияи худ**

**1. Таҳлили самаранокӣ:**
- То чӣ андоза ман дар таъсис ва рушди АВО муваффақ шудам? Оё ҳадафҳои асосӣ, ба монанди ҷалби волидайн ва омӯзгорон ба раванди таълимӣ, амалӣ шуданд?
- Оё муваффақ шудам равандҳои шаффофи ҳамкориро байни аъзои АВО, волидайн, омӯзгорон ва маъмурияти муассиса ба роҳ монам?

2. **Дарки усулҳои татбиқшуда:**
- Оё тамоми талаботи қонунгузорӣ ҳангоми бақайдгирии АВО ба назар гирифта шуданд? Кадом корҳо бе мушкилот иҷро шуданд ва дар кадом ҳолатҳо кӯшишҳои иловагӣ лозим шуданд?

3. **Муайянсозии мушкилот:**
- Бо кадом душвориҳо ман ҳангоми бақайдгирии АВО рӯ ба рӯ шудам, аз ҷумла ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо, мувофиқа кардани оиннома ё ҳамкорӣ бо Вазорати адлия?
- Оё мушкилот ба миён омаданд?

👉 ***Шакли фаъолият:** қайдҳои инфиродӣ + мубодила дар ҷуфтҳо*

---

**III. Гузариш ба амал**

1. **Ташкили маҷлиси муассисон:**
   - Гузаронидани маҷлис бо иштироки намояндагони волидайн, омӯзгорон ва аъзои ҷомеаи муассисавӣ ва омода намудани протоколи маҷлис
   - Интихоби раиси ассотсиатсия ва Шуро, бо шомил кардани директори муассиса ба ҳайати он.
2. **Таҳияи ҳуҷҷатҳо барои таъсис:**
   - Омода намудани Оинномаи АВО бо тавсифи дақиқи ҳадаф, вазифа ва сохтори ташкилот.
   - Ба назар гирифтани тамоми талаботи ҳуқуқӣ, аз ҷумла тартиби идоракунии маблағҳо ва қоидаҳои ҳамкории аъзоён.
3. **Бақайдгирӣ дар Вазорати адлия:**
   - Ҷамъоварии тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ, аз қабили ариза, протоколи маҷлис Оиннома ва супоридани ҳуҷҷатҳо ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё раёсати адлияи вилоятӣ.
   - Гирифтани шаҳодатномаи бақайдгирӣ, ки мақоми АВО-ро ҳамчун ташкилоти ҷамъиятӣ тасдиқ мекунад.
4. **Банақшагирии молиявӣ:**
   - Кушодани суратҳисоби бонкӣ барои анҷом додани амалиётҳои молиявӣ.
   - Таҳияи системаи шаффофи ҳисоби даромад ва хароҷот, мувофиқи талаботи қонунгузорӣ.
5. **Ҷалби захираҳо:**
   - Омодасозии дархостҳо ба созмонҳои байналмилалӣ барои дарёфти грантҳо.
   - Ҷалби волидайн, омӯзгорон ва ҷомеаи маҳаллӣ ба ҷамъоварии маблағ ва дастгирии лоиҳаҳои АВО.
   - Такмили пайвастаи кори АВО дар асоси фикру мулоҳизаҳои иштирокчиён ва ҷомеа.
6. **Арзёбӣ ва рефлексия:**
   - Мунтазам ташкил намудани вохӯриҳо барои таҳлили натиҷаҳои бадастомада ва банақшагирии қадамҳои минбаъда.

☞ ***Шакли фаъолият:** қайдҳои инфиродӣ + мубодила дар дунафариҳо*

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳии 1.2**

1. **Барои бақайдгирии Ассотсиатсияи волидайн ва омӯзгорон (АВО) кадоме аз инҳо зарур аст?**
   А) Гирифтани грантҳо
   Б) Интихоби раиси шурои ассотсиатсия
   В) Кушодани суратҳисоби бонкӣ
   Г) Гузаронидани маҷлиси муассисон

2. **Хатогиро пайдо кунед:** Кадоме аз изҳорот ба ҷанбаҳои ҳуқуқии таъсиси АВО мувофиқ нест?
   А) АВО ҳамчун муассисаҳои ғайридавлатӣ фаъолият мекунанд.
   Б) Директори муассиса вазифадор нест, ки узви шурои ассотсиатсия бошад.
   В) Шаҳрвандони аз 18-сола боло метавонанд муассисони АВО бошанд.
   Г) АВО ихтиёрӣ таъсис дода мешавад.

3. **Кадоме аз мафҳумҳои зерин шарти ҳатмӣ барои бақайдгирии АВО мебошад**?
   А) Доштани дастгирии грантӣ
   Б) Тасдиқи оиннома
   В) Гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ
   Г) Бастани шартнома бо бонк

4. **Кадом муассиса барои бақайдгирии АВО масъул аст**?
   А) Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ё раёсатҳои адлияи вилоятӣ
   Б) Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
   В) Шурои директорони муассисаҳо
   Г) Раёсати маорифи вилоятӣ

5. **Кадоме аз мафҳумҳои зерин ба ҳуқуқҳои АВО-и бақайдгирифташуда мансуб нест**?
   А) Кушодани суратҳисоби бонкӣ
   Б) Гузаронидани амалиётҳои молиявӣ тавассути бонк
   В) Гирифтани мақоми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии давлатӣ
   Г) Истифодаи муҳр ва штампҳои худ

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИЧАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Модели **АВО**-ро бо дарназардошти ниёзҳои муасссисаҳои таълимии худ таҳия мекунанд.
2. Лоиҳаи оинномаро таҳия менамоянд, ки нуқтаҳои калидиро дар бар гирад.



## МАШҒУЛИЯТИ АМАЛӢ: АЗ МУШОҲИДА БА АМАЛ

### Машғулияти амалии 1

**Кори амалии 1: Лоиҳаи модели АВО**
**Ҳадаф:** Таҳияи сохтори мутобиқшудаи Ассотсиатсия барои муассисаи худ.
**Вазифа:**

- Ҳадаф ва афзалиятҳои АВО-и муассисаи худро тавсиф кунед;
- Нақшаи сохторро кашед (маҷлиси умумӣ, шуро, раиси шуро ва ғайра);
- Иштирокчиёни эҳтимолиро муайян кунед.

**Кори амалии 2: Таҳияи лоиҳаи оинномаи АВО**
**Ҳадаф:** Омӯзиши принсипҳои асосии таҳияи оинннома.
**Вазифа:** Матни лоиҳавии 3 бахши оинномаро нависед:

1. Ҳадафҳо ва вазифаҳо,
2. Ташкилотҳои идоракунӣ ва ваколатҳои онҳо,
3. Тартиби узвият.
4. Шаклсозиро мисли ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ истифода баред.

# МАВЗУИ 4

## Банақшагирии фаъолиятҳои аво, мониторинг ва арзёбии фаъолияти он. ташвиқот (адвокатсӣ)

**Чиро донистан муҳим аст?**

- Маҳорати истифодаи мафҳумҳои асосӣ: нишондиҳандаҳои муваффақият, намудҳои баҳогузорӣ.
- Дарки ташвиқот ҳамчун раванди ҳимоя ва пешбурди манфиатҳои АВО дар муносибат бо маъмурият, мақомот ва ҷомеа; донистани шаклҳо ва асосҳои этикӣ.
- Дарки арзиши иштироки волидайн, намунаҳои таҷрибаи муваффақи шарикӣ ва таъсири мавқеи фаъоли волидайн дар рушди муассиса.

**Чиро бояд тавонист?**

- Таҳияи нақшаи солонаи фаъолияти АВО бо дарназардошти афзалиятҳои муассиса ва ниёзҳои ҷомеа
- Муайян кардани нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ фаъолияти АВО ва таҳияи нишондиҳандаҳо барои пайгирии пешрафт
- Мутобиқ намудани ҳадафҳои ташвиқот ба гурӯҳҳои мақсаднок (маъмурият, мақомоти давлатӣ, ҷомеаҳои маҳаллӣ)
- Истифодаи воситаҳои рақамӣ (пурсишҳо, платформаҳо) барои идора ва муошират бо муҳити беруна.

**Саволҳои асосӣ барои баррасӣ:**

- Чӣ гуна метавон банақшагириро дар шароити муассисавӣ воқеӣ ва тағйирпазир (чандир) нигоҳ дошт?
- Кадом усулҳо барои мониторинги дараҷаи иштироки волидайн муассиртаранд?
- Чӣ гуна метавон аъзои АВО-ро ба иштирок дар баҳодиҳии мунтазами фаъолияти худ ҳавасманд кард?
- Дар куҷо иштироки АВО анҷом меёбад ва фаъолияти ташвиқотӣ оғоз мешавад?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. Принсипҳои банақшагирии фаъолият ва ташвиқотро донед.
2. Нақшаҳои SMART барои АВО-ро таҳия кунед.
3. Стратегияҳои адвокатсияро таҳия кунед, ки ба беҳтар кардани натиҷаҳои таълимӣ равона шудаанд.

# Муқаддима

Дар шароити тағйироти босуръат дар соҳаи маориф зарурати иштироки системавии волидайн дар ҳаёти муассиса боз ҳам муҳимтар мегардад. Ассотсиатсияҳои волидайн ва омӯзгорон (АВО) ҳамчун пул байни муассисаҳои таълимӣ ва оилаҳо нақши муҳим мебозанд, ки ба ташкили муҳити кушода, фарогир ва масъулияти мактабӣ мусоидат мекунанд.

Аммо, барои он ки фаъолияти АВО натиҷабахш ва устувор бошад, он бояд ба банақшагирии дақиқ, мониторинги мунтазам ва баҳодиҳии объективии ташаббусҳои худ такя кунад. Ин равандҳо на танҳо имкон медиҳанд, ки афзалият ва захираҳо муайян карда шаванд, балки тағйироти воқеӣ дида шаванд, пешрафт сабт гардад, иштирокчиёни нав ҷалб шуда, дар ҳолати зарурӣ амалҳо ислоҳ карда шаванд.

Илова ба ин, самти муҳимми фаъолияти АВО-и муосир адвокатсия ҳамчун пешбурди манфиатҳои ҷомеаи мактабӣ дар сатҳи сохторҳои беруна: мақомоти идоракунии маориф, шарикон, ВАО мебошад. Ин ба овози волидайн вазн мебахшад, нуфузи ассотсиатсияро тақвият медиҳад ва ба рушди устувори муассиса мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, банақшагирӣ, мониторинг, баҳодиҳӣ ва адвокатсия чор механизми ба ҳам алоқаманд мебошанд, ки фаъолияти АВО-ро стратегӣ, иҷтимоӣ ва воқеан шарикона мегардонанд.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

1. **Банақшагирӣ** — раванди муайян кардани ҳадаф, муҳлат, захира ва натиҷаҳои интизории фаъолияти АВО.
2. **Мониторинг** — мушоҳидаи системавии иҷрои нақшаҳои АВО ва ҷамъоварии маълумот дар бораи ҷараёни фаъолият.
3. **Баҳодиҳӣ** — таҳлили натиҷаҳои бадастомада, муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва минтақаҳои рушди АВО.
4. **Адвокатсия** — пешбурди манфиатҳои ҷомеаи мактабӣ дар сатҳи мақомоти давлатӣ, шарикон ва ҷомеа бо мақсади ба даст овардани тағйироти мусбӣ.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. **Дарк кардани мафҳумҳои банақшагирӣ, мониторинг, баҳодиҳӣ ва адвокатсия** ва аҳамияти онҳо дар фаъолияти АВО.
2. **Донистани унсурҳои асосии банақшагирии стратегӣ:** ҷадвалҳои SMART, SWOT, нишондиҳандаҳо, марҳилаҳои нақша.
3. **Дарки аҳамияти фаъолиятҳои волидайн, пешбурди ташаббусҳо** ва аҳамияти муколама бо муҳити беруна.



**АЗ МИСОЛҲОИ ОДӢ ОҒОЗ МЕКУНЕМ**
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**Санҷиши тестӣ**

**1. Ҳадафи асосии фаъолияти АВО чист?**
А) Санҷиши сифати кори омӯзгорон
Б) Ташкили экскурсияҳо барои кӯдакон
В) Таҳкими шарикӣ байни волидайн ва муассиса
Г) Ҷамъоварии хайрияҳо барои муассиса

**2. Чӣ ба раванди банақшагирӣ дохил мешавад?**
А) Гузаронидани маҷлисҳо бо волидайн
Б) Муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳо
В) Мониторинги иштироки фаъол
Г) Тақсимоти буҷаи муассиса

**3. Адвокатсӣ (ташвиқот) дар мазмуни фаъолияти АВО чист?**
А) Ҷамъоварии фикру ақидаҳои волидайн
Б) Пешбурди манфиатҳои ҷомеаи мактабӣ дар муҳити беруна
В) Кор бо кӯдакон дар вақти берун аз дарс
Г) Назорат аз болои ҳуҷҷатҳои муассиса

**4. Агар омӯзгорон ва волидон баҳс кунанд, ту чӣ кор мекунӣ?**
А) Миёнарав мешавам — сулҳ биёред!
Б) Ба роҳбар муроҷиат мекунам — ӯ ҳал мекунад
В) Гурӯҳи корӣ ташкил мекунам — фикрҳоро мегирам
Г) Ба хона меравам — ин кори ман нест!

**5. Барои беҳтар кардани муҳити таълим, чӣ пешниҳод мекунӣ?**
А) Технологияҳои нав — ҳама онлайн!
Б) Чорабинии фарҳангӣ — рақсу суруд!
В) Гурӯҳи волидон-омӯзгорон — ҳамфикрӣ!
Г) Як рӯзи истироҳат — ҳама шод!

## 1. БАНАҚШАГИРИИ ФАЪОЛИЯТИ АССОТСИАТСИЯИ ВОЛИДАЙН ВА ОМӮЗГОРОН (АВО)

Ассотсиатсияи волидайн ва омӯзгорон (АВО) як пайванди муҳим дар беҳтар кардани раванди таълим ва ташаккули муносибатҳои шарикона байни муассиса, волидайн ва ҷомеа мебошад. Барои фаъолияти муваффақи АВО банақшагирии муфассал зарур аст, ки таҳлили вазъи ҷорӣ, муайян кардани вазифаҳо, таҳияи чорабинӣ ва мониторинги иҷрои онҳоро дар бар гирад.

**Қадамҳо барои таҳияи нақшаи солонаи Ассотсиатсияи волидайн ва омӯзгорон**
**Қадами аввал.** Муайян кардани мушкилоти ҷории муассисаи худ дар асоси таҳлили вазъи ҷорӣ ва нақшаи рушди муассиса.

**Қадами дуюм.** Иштирокчиён дар гурӯҳҳо мушкилоти ҷории муассисаро, ки дар ҳамкорӣ бо ҷомеа алоқамананданд, муайян намуда, онҳоро аз рӯйи мазмун ва мавзуъ тақсим мекунанд.

**Қадами сеюм.** Дар асоси мушкилоти муайяншуда вазифаҳои АВО барои соли таҳсил ва солҳои минбаъда муайян карда мешаванд.

**Қадами чорум.** Дар асоси вазифаҳо нақшаи чорабиниҳо барои соли нави таҳсил ва давраҳои минбаъда таҳия карда мешавад.

**Фаъолияти амалӣ: Таҳияи лоиҳаи нақшаи солонаи Ассотсиатсияи волидайн ва омӯзгорон (АВО)**

**Боби 1. Шарҳи фаъолияти АВО барои соли таҳсили 2024–2025 ва вазифаҳои АВО барои соли таҳсили 2025–2026.**

**1. Таҳияи рӯйхати мушкилоти ҷории муассиса ва имкониятҳои ҳалли онҳо бо қувваи АВО:**

**Мисолҳои мушкилот:**
1. Фаъолияти нокифояи аъзои ҷомеа дар фаъолияти АВО.
2. Диққати нокифояи ҷомеа ба муассиса.
3. Зарурати таъмири бинои муассиса.

2. **Вазифаҳои АВО барои соли таҳсили 2025–2026:**
1. Беҳтар кардани кори АВО, ҷалби бештари падару модарон ва ҷомеа ба ҳалли мушкилоти таълимӣ.
2. Ташкили чорабиниҳои берун аз дарс ва берун аз мактаб бо хонандагон.
3. Баланд бардоштани саводи педагогии волидайн.

**Муҳокимаи қисматҳои нақшаи солонаи АВО дар асоси авлавиятҳои асосии фаъолияти муассиса дар давраи ҳозира**

**Қисмҳои нақшаи солонаи АВО:**
1. Фаъолияти АВО барои беҳтар кардани муҳити таълим бо мақсади баланд бардоштани сифати таҳсил.
2. Чорабиниҳои АВО барои таҳкими муҳити физикии муассиса.
3. Ҷалби маблағҳои иловагӣ ва хароҷоти онҳо.
4. Дастгирии омӯзгорон ва баланд бардоштани мақоми онҳо дар ҷомеа.
5. Баланд бардоштани сатҳи саводи педагогии волидайн.

1. **Масъалаҳое, ки дар маҷлиси умумии АВО муҳокима карда мешаванд.**

| № т.р | Номгӯйи масъала | Муҳлати иҷро | Масъулин | Протоколи № аз ___ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | |
| 2 | | | | |
| 3 | | | | |

2. **Масъалаҳое, ки дар маҷлиси Шурои АВО муҳокима карда мешаванд**

| № т.р | Номгӯйи масъала | Муҳлати иҷро | Масъулин | Протоколи № аз ___ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | |
| 2 | | | | |

**Банақшагирии фаъолияти комиссияҳои АВО**

**Намунаи нақшаи солонаи АВО:**

| № | Номи чорабинӣ | Муҳлати иҷро | Масъулин | Иҷро |
|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | |
| 2 | | | | |
| 3 | | | | |

## *2. МОНИТОРИНГ ВА БАҲОДИҲИИ ФАЪОЛИЯТИ АССОТСИАТСИЯИ ВОЛИДАЙН ВА ОМӮЗГОРОН (АВО)*

**Мониторинг ва баҳодиҳии** фаъолияти Ассотсиатсияи волидайн ва омӯзгорон (АВО) ин равандест, ки мушоҳидаи системавӣ, ҷамъоварӣ, таҳлил ва шарҳи маълумотро дар бар мегирад. Ин раванд ба муайян кардани самаранокии кори ассотсиатсия, натиҷаҳои бадастомада ва минтақаҳои барои беҳбудӣ мусоидат мекунад.

**Ҳадафи мониторинг** иборат аст аз таъмини шаффофият, муайян кардани мушкилот, таҳкими ҳамкорӣ ва қабули қарорҳои асоснок.

**Баҳодиҳӣ** ба таҳлили он равона шудааст, ки то чӣ андоза чорабиниҳои амалӣ ба ҳадафҳои гузошташуда мувофиқат мекунанд ва таҳияи тавсияҳо барои беҳбудиҳои минбаъда.

**Системаи мониторинг ва баҳодиҳӣ** ба чен кардани сатҳи воқеии иштироки ҷомеа дар масъалаҳои рушди муассиса кумак мекунад. Ин барои АВО дар масъалаҳои таблиғотӣ муфид аст. Агар аз моҳ ба моҳ ҷомеа дар баланд бардоштани сатҳи дониш, ҳузур дар дарсҳо ва дастгирии муассиса пешрафт кунад, ин нишон медиҳад, ки саҳми ҷомеа ва волидайн дар беҳтар кардани системаи маориф меафзояд. Дар оянда метавон дид, ки ҷомеа фаъол аст ва кумаки минбаъда хуб истифода ва қадр карда мешавад.

## *САМТҲОИ АСОСИИ МОНИТОРИНГИ ФАЪОЛИЯТИ АВО*

**Ҷадвали нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолияти АВО**

| № | Самт | Нишондиҳандаҳои асосӣ |
|---|---|---|
| **1** | **Самаранокии корҳои ташкилӣ** | • Сатҳи иштироки волидайн ва омӯзгорон<br>• Меъёри гузаронидани чорабинӣ ва натиҷабахшии онҳо |
| **2** | **Ҳамкорӣ бо ҷомеа** | • Шумораи лоиҳаҳои муштарак бо ТҒД ва сохторҳои маҳаллӣ<br>• Фаъолияти волидайн дар ҳаёти муассиса |
| **3** | **Сифати раванди таълим** | • Иштироки волидайн дар чорабиниҳои таълимӣ<br>• Таъсири чорабиниҳо ба дастовардҳои таълимии хонандагон |
| **4** | **Пойгоҳи моддӣ-техникӣ** | • Беҳтар шудани инфрасохтор бо ташаббуси АВО<br>• Саҳми АВО дар таъмин намудани муассиса бо захираҳо |
| **5** | **Ҷалби захираҳо** | • Шумораи маблағҳои ғайрибуҷавӣ<br>• Самаранокии истифодаи онҳо |

**Ҷадвали нишондиҳандаҳои мониторинги АВО**

| Самт | Нишондиҳандаҳои самаранокӣ |
|---|---|
| **Ташкили кор** | • Шумораи маҷлисҳои гузаронидашудаи АВО дар як сол<br>• Фоизи иштирокчиёни ҷалбшуда |
| **Ҳамкорӣ** | • Шумораи созишномаҳои шарикӣ<br>• Шумораи иштирокчиёни чорабиниҳо аз ҷомеаи маҳаллӣ |

| | |
|---|---|
| **Сифати чорабиниҳо** | • Шумораи чорабиниҳо барои хонандагон, волидайн ва омӯзгорон<br>• Натиҷаҳои пурсиши қаноатмандӣ |
| **Захираҳои моддӣ** | • Ҳаҷми маблағҳои ғайрибуҷавӣ<br>• Шумораи беҳбудиҳои инфрасохторӣ |
| **Самаранокии хароҷот** | • Фоизи иҷрои чорабиниҳои нақшавӣ дар доираи буҷаи ҷудошуда |

**Ҷадвали намунавии мониторинг ва баҳодиҳии фаъолияти АВО**

| № | Самти мониторинг | Ҳадаф | Тартиби кор | Намунаи ченак |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҷалби волидайн | Беҳтар намудани иштироки волидайн дар чорабиниҳои таълимии муассиса | • Гирифтани анкета<br>• Ҳисоб кардани шумораи иштирокчиён<br>• Таҳлили фикру мулоҳизаҳои волидайн | Фоизи волидайн, ки ҳадди ақал дар як чорабинӣ иштирок кардаанд |
| 2 | Сифати чорабиниҳои таълимӣ | Баҳодиҳии рушди салоҳиятҳои калидӣ дар байни хонандагон | • Ҷамъоварии фикру мулоҳизаҳои хонандагон<br>• Нишондиҳандаҳои пешрафт<br>• Дарсҳои кушод бо иштироки волидайн | Рушди шавқу ҳавас/иштирок дар лоиҳаҳо; беҳшавии баҳо ба ҳисоби 1 хол ва бештар |
| 3 | Истифодаи маблағҳои ғайрибуҷавӣ | Назорати хароҷот ва банақшагирии чорабиниҳои оянда | • Ҳисоботи молиявӣ<br>• Арзёбии самаранокӣ<br>• Муаррифии натиҷаҳо ба волидайн | Фоизи азхудкунии маблағҳо; шумораи лоиҳаҳои амалигардида |
| 4 | Ҳамкорӣ бо шарикон | Баҳодиҳии самаранокии ҳамкориҳо бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва сохторҳои маҳаллӣ | • Шуморидани шартномаҳои шарикӣ<br>• Арзёбии саҳми шарикон<br>• Пурсиши қаноатмандии иштирокчиён | Афзоиши шумораи шарикон ба 20%; афзоиши иштироки ташкилотҳо |
| 5 | Ташаббусҳои таълимӣ | Баҳодиҳии таъсири фаъолияти АВО ба шароити таълим | • Шуморидани семинару тренингҳо<br>• Муқоисаи натиҷаҳои таълимӣ<br>• Ҳисобот дар бораи иштироки хонандагон дар лоиҳаҳо | Афзоиши миёнаи баҳои фанҳои асосӣ то 10% |
| 6 | Дастгирии омӯзгорон ва ҳавасмандгардонӣ | Баҳодиҳии саҳми АВО ба баланд бардоштани мақом ва рушди касбии омӯзгорон | • Шуморидани омӯзгорони қадрдонишуда<br>• Ҷамъоварии фикру мулоҳизаҳо<br>• Ташкили чорабиниҳои рушди касбӣ | |

**Намунаи ҷадвалҳо барои мониторинг**

**1. Варақаи ҳисоботи умумии АВО (даромад)**

| Р.т | Нишондиҳанда | Миқдор | Фоиз | Тафсири пешравӣ ё пастравӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Аз волидон | | | |
| 2 | Аз хайрия | | | |
| 3 | Аз сарпарастон | | | |
| 4 | Аз фурӯши маҳсулот | | | |
| 5 | Замини наздимактабӣ | | | |
| 6 | Дигар сарчашмаҳо | | | |
| | Ҳамагӣ | | | |

**2. Варақаи ҳисоботи умумии АВО (хароҷот)**

| Р.т | Нишондиҳанда | Миқдор | Фоиз | Тафсири пешравӣ ё пастравӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Барои таъмир | | | |
| 2 | Чорабиниҳои муассисавӣ | | | |
| 3 | Ҳавасмандкунии омӯзгорон | | | |
| 4 | Ҳавасмандкунии хонандагон | | | |
| 5 | Хариди таҷҳизот | | | |
| 6 | Хариди китобҳои дарсӣ ва дигар маводҳои таълимӣ | | | |
| 7 | Ғайра | | | |
| | Ҳамагӣ | | | |

**3. Тавсифи фаъолияти волидон ва аҳли ҷомеа дар дастгирии муассиса**

| Р.т | Нишондиҳанда | Миқдор | Чанд фоиз аз падару модарони умумии муассиса | Вақти сарфшудаи умумӣ барои иштирок ба дарс | Вақти сарфшуда ба шумораи умумии падару модарон |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Чанд нафар дар дарсҳои фарзандон иштирок намуданд | | | | |
| | Ҳамагӣ | | | | |

**4. Иштироки аҳли ҷомеа ва падару модарон дар маҷлисҳои умумии АВО**

| Р.т | Нишондиҳанда | Миқдор | Чанд соат вақти худро сарф кардааст | Вақти сарфшудаи умумӣ | Вақти сарфшуда ба шумораи умумии аҳли ҷомеаи муассиса |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Чанд нафар падару модарон | | | | |
| 2 | Чанд нафар аз ҷомеа | | | | |
| | Ҳамагӣ | | | | |

### 5. Тавсифи фаъолияти волидон ва аҳли ҷомеа дар дастгирии муассиса

| Р.т | Нишондиҳанда | Миқдор | Чанд соат вақти худро сарф кардааст | Вақти сарфшудаи умумӣ | Вақти сарфшуда ба шумораи умумии аҳли ҷомеаи муассиса |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Чанд нафар ҳамчун корманди ихтиёрӣ амал кардааст | | | | |
| | Ҳамагӣ | | | | |

**6. Фаъолияти ҳайати раёсати АВО**

**Деҳа _________________________ Муассисаи # ________ Моҳ: ________ Сол 20__ __**

**Барои ноҳияи: ___________________________Ҷамоати: ___________________________**

**Фаъолияти кормандон**

| Шарҳи фаъолият | Фаъолият дар асоси нақшаи муассиса Ҳа / Не | | Шахс, вазифа | Вақти сарф-шуда |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |
| 2. | | | | |
| 3. | | | | |
| 4. | | | | |

**7. Бақайдгирии шикоят, таклифу пешниҳодоти волидон, аҳли ҷомеа**

Деҳа _________________________ Муассисаи # ________ Моҳ: ________ Сол 20__ __

| р.т | Тавсир (илтимос, шикоят ё талаботро маънидод кунед) | Шикоят | Талабот | Шахс(ҳо), ном(ҳо) (мувофиқи талаб кас метавонад худро ошкор накунад |
|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | |
| 2 | | | | |
| 3 | | | | |
| 4 | | | | |

## *АДВОКАСӢ (ТАШВИҚОТ)*

Адвокасӣ (ташвиқот) — ин раванд ва маҷмуи амалҳоест, ки ба ҳимояи манфиату ҳуқуқҳо, инчунин ҷалби таваҷҷуҳ ба масъалаҳои муҳим дар муҳити таълим равона шудааст. Барои Ассотсиатсияи волидайн ва омӯзгорон (АВО) адвокасӣ дар ҷалби захираҳо, ташкили шарикони ичтимоӣ, огоҳсозии ҷомеа ва беҳтар кардани низоми таълим нақши муҳим мебозад.

**Намунаҳои адвокасӣ барои АВО:**

**1. Беҳтар кардани инфрасохтор:**

**Ҳадаф:** Ҷалби сарпарастон барои таъмири муассиса.

**Амалиёт:** Гузаронидани чорабиниҳои фарҳангии хайриявӣ, фиристодани мактубҳои иттилоотӣ ба эҳтимолияти сарпарастон.

**2. Баланд бардоштани сифати таълим:**

**Ҳадаф:** Ворид кардани барномаҳои нави таълимӣ.

**Амалиёт:** Гузаронидани вохӯриҳо бо мақомоти маҳаллии таълимӣ, пешниҳоди намунаҳои таҷрибаҳои муваффақ.

**3. Дастгирии омӯзгорон:**

**Ҳадаф:** Баланд бардоштани мақом ва ҳавасмандии омӯзгорон.

**Амалиёт:** Ташкил кардани қадрдонӣ, нашри мақолаҳо оид ба муваффақияти омӯзгорон дар **ВАО.**

**Адвокасӣ ҳамзамон фаъолият ва муносибат аст. Ҳар як шахс аллакай дар шакли муайян ташвиқгар аст**.

**Ташвиқот — ин дастгирӣ:**

**Адвокасӣ — ин амалиётест**, ки равандҳои дастгирӣ ва пешбурди ягон кор, зарурат ё идеяро фаро мегирад. Вақте ки Ассотсиатсияи волидайн ва омӯзгорон (АВО) барои харидани китобҳои дарсӣ аз ҷомеа маблағ ҷамъ мекунад, онҳо ҳамчун **ташвиқгарони** захираҳои таълимӣ баромад мекунанд. Ва вақте ки оилаҳо барои харидани китобҳои дарсӣ 1 сомонӣ сарф мекунанд, онҳо низ адвокатҳои захираҳои таълимӣ мешаванд.

**Намунаҳои ташвиқот:**

**1. Дар муассисаи №2 деҳаи Сағирдашти ноҳияи Дарвоз** намояндагони АВО ба кони ангишти маҳаллӣ ташриф оварда, барои таъмин кардани синфхонаҳо бо сӯзишворӣ гуфтушунид карданд, ки ин як чорабинии хеле муҳим аст. Барои расидан ба ин ҳадаф ду ташриф ва гуфтушунид бо роҳбари кони ангишт гузаронида шуд. Пас аз ташрифи дуюм роҳбари кони ангишт розӣ шуд, ки 4 тонна ангишт барои синфхонаҳо ҷудо кунад.

- Оё ин шакли адвокасӣ аст?
- Чӣ тавр ҷомеа дар ин ҷо ҳамкорӣ кард?
- Чӣ гуна чорабиниҳои дигарро бо ҳамин тарз амалӣ кардан мумкин аст?
- Оё чунин чорабинӣ дар ҷомеаи шумо амалӣ карда мешавад?

**2. Дар муассисаи №26 ноҳияи Роштқалъа** АВО видеоролик сабт карда, онро ба мақомоти маҳаллӣ пешниҳод кард, то нишон диҳад, ки кадом мушкилот ва таъмир бояд барои беҳтар кардани шароити муассисаи таълимӣ амалӣ карда шавад.

- Оё ин шакли адвокасӣ аст?
- Чӣ тавр ҷомеа дар ин ҷо ҳамкорӣ кард?
- Чӣ гуна чорабиниҳои дигарро бо ҳамин тарз амалӣ кардан мумкин аст?
- Оё чунин чорабинӣ дар ҷомеаи шумо амалӣ карда мешавад?

*Кадом амалҳоро ҷомеаи шумо аллакай амалӣ кардааст, ки онҳоро ба рӯйхати адвокасӣ дохил кардан мумкин аст? Рӯйхати 3 амал:*

1.
2.
3.

***Музокироти рӯйхатҳои гурӯҳҳо****:*

АВО бо ин роҳ таҷриба дар ҳалли мушкилот тавассути адвокасӣ ба даст меорад. Ҳамзамон захираҳои ҷомеа ва дигар гурӯҳҳое, ки фаъолияти АВО-ро дастгирӣ мекунанд, ассотсиатсияро ҳамчун ташкилоте муаррифӣ мекунанд, ки қодир аст мушкилотро ҳал кунад. Бо ҳар як масъалаи ҳалшуда АВО тадриҷан таъсирбахштар, қавитар ва муваффақтар мешавад.

**Мушкилот + Адвокасӣ = Тағйирот**

**Мутобиқати «захираҳо» ва «ниёзҳо» бо назардошти ҳадафҳои ташвиқот:**

Мо бояд вазъи кунунии худро ва ҳолати низоми таълимро дар партави ниёзҳои маҳаллӣ ба назар гирем. Агар мо дарк кунем, ки таълим соҳаи афзалиятнок барои ояндаи оилаҳо ва ҷомеаҳои мо мебошад, пас мушкилоти соҳаи таълимро бояд дар мазмуни «ҳама чизҳое, ки ба муассисаи мо дар пешниҳоди дониши босифат монеа мешаванд» баррасӣ кунем. Инҳо: сохтори муассисаҳо, маводи таълимӣ, ҳайати омӯзгорон, мушкилоти дигари маҳаллӣ мебошанд.

**Таҳлили захираҳо:**

Агар мо хоҳем, ки намудҳои захираҳоро, ки муассиса ба онҳо ниёз дорад, баррасӣ кунем, пас аввал бояд мушкилот ва дастовардҳоро омӯзем, ки мо метавонем ба онҳо таъсир расонем. Агар мо танҳо ба «таҳлили вазъи муассиса» тамаркуз кунем, ҳамаи кӯшишҳоро бе ҳадафи равшан танҳо ба чорабиниҳои инфрасохторӣ равона

мекунем. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҳамаи масъалаҳоро, ки ба фаъолияти соҳаи таълим дар сатҳи маҳаллӣ таъсир мерасонанд, ба назар гирем.

**Андешаронӣ дар бораи захираҳо:**

Агар хоҳем навъҳои захираҳоро, ки муассиса ниёз дорад, баррасӣ намоем, аввал бояд мушкилот ва дастовардҳоро омӯзем, ки метавонем ба онҳо таъсир расонем. Агар диққати мо танҳо ба «таҳлили ҳолати муассиса» равона шавад, тамоми кӯшишҳо танҳо ба корҳои инфрасохторӣ нигаронида мешаванд ва ҳадафи равшан надорем. Аз ин рӯ, бояд ҳамаи масъалаҳои таъсиргузор ба фаъолияти соҳаи маориф дар сатҳи маҳалро ба ҳисоб гирем.

Инфрасохтор танҳо яке аз чанд мушкилест, ки мехоҳем ҳал намоем. Саволҳои муҳим бояд дар асоси нақшаи рушди муассиса пешниҳод шаванд.

**Шиносоии захираҳо ва мушкилот:**

**Се намуди захираҳо мавҷуданд:**

1. **Маводи таълимӣ:**
    - Китобҳо, дастурҳо, китобҳои электронии дарсӣ.
    - Захираҳое, ки барои омӯзгорон ва хонандагон дастрасанд.
2. **Шарикони иҷтимоӣ:**
    - Падару модарон, соҳибкорони маҳаллӣ ва сарпарастон.
    - Намояндагони ТҶ (Ташкилотҳои ҷамъиятӣ), ки бо муассиса ҳамкорӣ мекунанд.
3. **Инфрасохтори ҷисмонӣ:**
    - Таъмини маблағ барои таъмир ва беҳбуди шароит.
    - Ҷалби кормандон барои дастгирии лоиҳаҳои мактабӣ.

**Чиро метавон бо ин захираҳо анҷом дод:**

1. **Истифодаи маводи таълимӣ:**
    - Таъмини омӯзгорон бо китобҳои муосир ва дастурҳо.
    - Ташкили тренингҳо оид ба усулҳои нави таълим.
2. **Шарикони иҷтимоӣ:**
    - Ҷалби сарпарастон барои хариди маводи зарурӣ ва беҳбуди муассиса.
    - Ташкили чорабиниҳои хайриявӣ бо иштироки падару модарон ва соҳибкорон.
3. **Инфрасохтори физикӣ:**
    - Таъмири биноҳои муассиса.
    - Беҳтар намудани синфхонаҳо ва таъмини таҷҳизот тавассути захираҳои ҷомеа.

**1. Муайян кардани гурӯҳҳои асосии захираҳо:**

- Захираҳои физикӣ (инфрасохтор, нақлиёт, таҷҳизот).
- Захираҳои инсонӣ (омӯзгорон, маъмурият, волидон).
- Захираҳои молиявӣ (буҷети муассиса, саҳмҳои хайриявӣ, сарпарастон).
- Захираҳои таълимӣ (китобҳои дарсӣ, маводи методӣ, технологияҳои муосир).

**2. Тартиб додани рӯйхати мушкилоти марбут ба:**

- Норасоии маводи дарсӣ.
- Фарсудагии инфрасохтор ё набудани таҷҳизоти техникии кофӣ.
- Ангеза ва рушдии касбии омӯзгорон.
- Сатҳи иштирок ва ҳамкории волидон ва ҷомеа дар ҳаёти муассиса.

**3. Пайвастани захираҳо бо ҳалли мушкилот:**

- Истифодаи захираҳои молиявӣ барои харидории китобҳои нав.
- Ҷалби захираҳои инсонӣ барои гузаронидани тренинг ва семинарҳо.
- Ташкили ҳамкориҳо бо соҳибкорони маҳаллӣ барои беҳбудии инфрасохтор.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

**1. Нақшаи фаъолиятҳои Ассотсиатсияи волидон ва омӯзгорон (АВО):** Нақшаи самаранок имкон медиҳад, ки АВО вазифаҳои худро системанок намуда, захираҳоро ба назар гирад ва масъалаҳои афзалиятноки муассисаро ҳал кунад. Ин раванд волидон, омӯзгорон ва ҷомеаи маҳаллиро фаъолона ҷалб мекунад.

**2. Мониторинг ва арзёбӣ:** Мониторинги мунтазам ба таҳлили пешравӣ, муайян кардани самаранокии амалҳо ва саривақт тағйир додани нақшаҳо мусоидат мекунад. Ин як абзори муҳим барои расидан ба шаффофият ва дарки таъсири қарорҳо ба раванди таълим мебошад.

**3. Адвокасӣ ҳамчун воситаи тағйирот:** Тарғиби идея ва ташаббусҳои АВО тавассути адвокасӣ ба сафарбаркунии захираҳо, ҷалби таваҷҷуҳ ба масъалаҳои муҳимми муассиса, ҳамкории фаъол бо ҷомеа ва мақомоти маҳаллӣ мусоидат мекунад.

**4. Вобастагии унсурҳо:** Ҳамгироии банақшагирӣ ва мониторинг системаи устувори идоракуниеро ташаккул медиҳад, ки ба баланд бардоштани сифати таълим ва ҳалли мушкилоти муассиса равона шудааст.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. **Кадом маълумоти навро гирифтам?**
   - Оё мавзуъҳое буданд, ки ман онҳоро амиқтар дарк кардам, масалан адвокасӣ ё мониторинг?
   - Чӣ гуна ин фаҳмиш дидгоҳи маро нисбат ба равандҳои таълимӣ тағйир дод?
2. **Кадом нуктаҳои калидӣ маро бештар ба ҳайрат оварданд?**
   - Оё фаҳмишҳои наве буданд, ки таваҷҷуҳи махсусро ба худ ҷалб карданд?
   - Чаро маҳз ҳамин нуктаҳо барои ман аҳамияти хос доштанд?
3. **Чӣ гуна метавонам ин донишҳоро дар амал татбиқ кунам**?
   - Дар кадом соҳаи кор ё зиндагии ман ин донишҳо метавонанд муфид бошанд?
   - Оё амалҳои мушаххасе ҳастанд, ки ман метавонам анҷом диҳам?
4. **Дар раванди омӯзиш бо кадом душвориҳо рӯ ба рӯ шудам?**
   - Кадом мавзуъҳо саволҳоро ба вуҷуд оварданд?
   - Чӣ кор карда метавонам, то ин душвориҳоро ҳал кунам?
5. **Пас аз омӯзиши мавод кадом идея ё нақшаҳо пайдо шуданд**?
   - Оё соҳаҳое ҳастанд, ки мехоҳам онҳоро амиқтар омӯзам?
   - Чӣ гуна метавонам ин идеяҳоро барои беҳтар кардани кори ҳозира истифода барам?

**II. Арзёбии худ оид ба амалия**

1. **Дастовард ва муваффақиятҳо**
   - Кадом муваффақиятҳоро ман метавонам дар амалияи худ қайд кунам?
   - Оё лоиҳаҳо ё амалҳое ҳастанд, ки ман онҳо ифтихор дорам?
   - Кадом метод ё равишҳо самаранокии бештар доштанд?
2. **Соҳаҳои ба такмил ниёзманд**
   - Кадом душвориҳо дар ҷараёни кор ба миён омаданд?
   - Кадом донишҳоро аз худ ё малакаҳоро бояд минбаъда рушд диҳам?

- Чӣ гуна метавонам фаъолияти худро дар оянда хубтар ба роҳ монам?

3. **Таъсир ба раванди таълим**
   - Чӣ гуна амали ман ба беҳтар шудани муҳити таълим мусоидат кард?
   - Кадом тағйироти мусбат дар амалияи ман ба вуҷуд омад?
   - Оё ба ман муяссар шуд, ки ҳамкории самаранок бо ҳамкорон, хонандагон ё волидон барқарор намоям?
4. **Нақшаи амалҳои минбаъда**
   - Кадом ҳадафҳоро ман барои беҳтар кардани амалиям гузошта метавонам?
   - Кадом захираҳо ё кумакҳо барои расидан ба ин ҳадафҳо лозиманд?
   - Дар ҳоли ҳозир чӣ кор карда метавонам то тағйироти нияткардаамро амалӣ созам?

👉 *Шакли фаъолият: ҷавобҳои хаттӣ ё муҳокима дар гурӯҳҳои хурд.*

**III. Гузариш ба амал**

1. **Тақсими вазифаҳо**
   - Шахсонеро таъин намоед, ки барои иҷрои ҳар як вазифа масъуланд. Мисол: Яке аз аъзои АВО барои тартиб додани рӯйхати захираҳо ҷавобгар аст, дигаре барои ҳамкорӣ бо сарпарастони маҳаллӣ.
2. **Тартиб додани нақшаи вақт**
   - Барои ҳар як вазифаро муайян намуда, онҳоро ба марҳилаҳо тақсим кунед. Мисол, тренинг барои моҳи оянда ба нақша гирифта шудааст, омодасозии мавод ду ҳафта вақт мегирад.
3. **Таъмини захираҳо**
   - Муайян намоед, ки барои иҷрои вазифа муҳлатро кадом захираҳо лозиманд ва чӣ гуна онҳоро ҷалб кардан мумкин аст. Мисол, маблағгузорӣ барои харидории китобҳои дарсӣ метавонад тавассути гузаронидани чорабинии хайриявӣ ба даст оварда шавад.
4. **Оғоз ва назорат**
   - Амалиётро оғоз карда, мониторинги иҷрои онҳоро ташкил кунед. Мисол: Ҳангоми гузаронидани тренинг фикру мулоҳизаҳоро гиред, то чорабиниҳои минбаъдаро беҳтар созед.
5. **Арзёбӣ ва ислоҳкунӣ**
   - Пас аз анҷоми ҳар як вазифа самаранокии онро арзёбӣ кунед. Нақшаи минбаъдаро дар ҳолати зарурӣ ислоҳ намоед. Мисол: Таҳлили таъсири маводҳои харидоришуда ба сатҳи омодагии хонандагон.

👉 *Шакли фаъолият: ҷавобҳои хаттӣ ё муҳокима дар гурӯҳҳои хурд.*

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳии 6.2**

**Саволҳои тестӣ барои худсанҷӣ**

**1. Мониторинг чист?**

А) Раванди ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот барои арзёбии самаранокии фаъолият.
Б) Раванди нақшакашии чорабиниҳо барои беҳтар кардани раванди таълимӣ.
В) Раванди тарғиб ва ҳимояи манфиатҳо тавассути ҳамкорӣ ва маъракаҳои иттилоотӣ.

**2. Хатогиро дар изҳорот пайдо кунед:**

«Адвокасӣ танҳо ҷамъоварии маълумот дар бораи мушкилоти муассисаро дар бар мегирад»

А) Изҳорот дуруст аст.
Б) Хато дар он аст, ки адвокасӣ ҳамчунин тарғиби манфиатҳо тавассути амалҳои фаъолро дар бар мегирад.
В) Хато дар он аст, ки адвокасӣ ба мушкилоти муассиса иртибот надорад.

**3. Таърифро пурра кунед:**

Нақшакашии фаъолияти АВО равандест, ки дар бар мегирад ___________________

А) Танҳо таҳияи чорабиниҳо.
Б) Таҳлили захираҳо, гузоштани ҳадафҳо ва таҳияи чорабиниҳо.
В) Танҳо гузоштани ҳадафҳо.

## МАШҒУЛИЯТИ 2

### НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:

1. **Таҳияи намунаҳо барои мониторинги сатҳи касбии омӯзгорон ва дастгирии онҳо.**
2. **Таҳлили** мисоли мушаххас (кейс) **барои арзёбии татбиқи ташаббусҳо** бо мақсади дастгирии хонандагон.



### МАШҒУЛИЯТИ МАЛӢ: АЗ МУШОҲИДА БА АМАЛ

**Машғулияти амалии 1.**

**Намунаҳо барои баррасӣ:**

**Масъала барои баррасӣ:** Агар АВО хоҳад, ки мониторинги сатҳи қобилиятҳои касбии омӯзгоронро гузаронад, то дониши онҳоро дар бораи усулҳои фаъоли таълим арзёбӣ намояд, кадом захираҳоро дар ихтиёр дорем?

1.

2.

3.

**Масъала барои баррасӣ:** Агар АВО хоҳад, ки ҳамаи хонандагонро бо китобҳои дарсии нав таъмин намояд, кадом захираҳоро дорем?

1.

2.

3.

**Масъала барои баррасӣ:** Агар АВО мехоҳад шароити зисти омӯзгоронро беҳтар намояд ва сатҳи касбии онҳоро боло барад, кадом захираҳо мавҷуданд?

## Адабиёт ва сарчашмаҳо


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон .- Душанбе; 2020.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф».- Душанбе: Шарқи озод, 2014.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ».
4. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1.
5. Консепсияи милии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, Матбуот, 2003.
6. Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умуиии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016.
7. Кодекси шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
8. Гревцова И. Деятельност общественных школьных фондов из опыта работы. – Красноярск, 2001.
9. Общественные школьные фонды: практическое руководство. Красноярск, 2002.
10. Раҳимзода Х. Ассотсиатсияи волидайн ва муаллимон ҳамчун шакли нави идораи муассиса. – Душанбе: Саҳбо, 2004.
11. Сафаров И. Изменение отношений между школой и родителями в посоветской период. // Муассиса ва ҷомеа, 2003.
12. Шарифов А. Дастурамал оид ба кори ассотсиатсияи волидайн ва омӯзгорони муассисаҳо и таҳсилоти умумӣ. Душанбе, 2004.